Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**
**АКАДЕМИЯ**

# РОҲНАМО

## барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ доир ба иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»

**Душанбе - 2019**

Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ
PDV
Prevention of Domestic Violence

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**
**АКАДЕМИЯ**

# РОҲНАМО

барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ
доир ба иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»

Душанбе – 2019

**ББК 67.99 (2) 116.3**
**Х-20**
**УДК 351.755.2(575.3)**

**Роҳнамо барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ доир ба иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»**. Зери таҳрири муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия *Саидзода М.;* сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия *Шарифзода Ф.Р.*– Душанбе: «Хирадмандон», 2019.– 104 с.

**Роҳнамо барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ доир ба иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»** аз ҷониби Шӯрои илмӣ-методии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чоп иҷозат дода шудааст (Протоколи №1 аз 21 июни соли 2019).

**Мураттибон**:

*Хайруллоев Фаррух* – муаллими калони кафедраи фанҳои ҳуқуқи давлатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ;

*Шарифзода Парвин* – муаллими кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия;

*Виорелия Русу* – коршиноси байналмилалӣ оид ба муқовимат бар зидди зӯроварӣ дар оилаи филиали ГОПА мбХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризон**:

*Саидзода Зикрулло Алӣ* – муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, полковники милитсия;

*Холмуродзода Дилшод* – сардори Шуъбаи роҳбарии НММ РҲТҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.

**Роҳнамо барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ доир ба иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»** барои доираи васеи истифодабарандагон пешкаш шудааст, аз ҷумла барои нозирони мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила ва нозирони минтақавии милитсия, курсантон ва шунавандагони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои кормандони мақомоти судӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки фаъолияти онҳо бо проблемаи зӯроварӣ дар оила ва ҳалли он алоқманд аст, инчунин барои донишҷӯён, аспирантон, кормандони илмӣ ва дигар шахсоне, ки бо проблемаи зӯроварӣ дар оила ва пешгирии он машғуланд.

**© Филиали ГОПА мбХ дар ҶТ**

Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳифз карда мешаванд. Таҳияи роҳнамо ҳадафҳои башардӯстона дошта, ройгон дастрас карда мешавад.

Мазмуни нашри мазкур дар сурати нишон додани он ҳамчун сарчашма бо мақсади таълимӣ ва дигар мақсадҳои ғайритиҷоратӣ метавонад озодона нусха ва истифода бурда шавад.

**ISBN 978-99975-367-4-7**

# МУНДАРИҶА


**Муқаддима** ...................................................................................4

**БОБИ I.** Фаҳмиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва психологии зуҳуроти зӯроварӣ дар оила ...............................................................7

1.1. Зуҳуроти *зӯроварӣ дар оила* аз нигоҳи иҷтимоӣ......................7

1.2. Зуҳуроти зӯроварӣ дар оила аз нигоҳи психологияи муносибатҳо байни одамон ..........................................................12

**БОБИ II.** Муқаррароти қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила.................................16

2.1. Қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила .........................................16

**БОБИ III.** Нақши нозирони минтақавии милитсия дар ошкор кардани зӯроварӣ дар оила ва пешгирии он.....................................29

3.1. Ваколати нозирони минтақавии милитсия дар ошкор ва бақайдгирии ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ...............................29

3.2. Гузаронидани сӯҳбатҳои инфиродӣ бо шахсоне, ки зӯроварӣ дар оила содир кардаанд. Тасвир намудани таҷрибаи муваффақи ҳамкории нозирони минтақавии милитсия бо мутахассисони *Ҳуҷраи кор боислоҳи рафтори зӯроварони оилавӣ* дар назди Ҳукумати шаҳри Леваканди вилояти Хатлон .49

3.3. Тафсир ба моддаи $93^1$ Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ .........................................50

3.4. Тафсир ба моддаи $93^2$ Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ....................................60

3.5. Тавсияҳо оид ба ҳуҷҷатнигории ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила .........................................................................................66

**Сарчашмаҳои истифодашуда** .......................................................100

# МУҚАДДИМА

Зӯроварӣ дар оила – проблемаи на танҳо ҷомеаи тоҷик ба шумор меравад. Дар тамоми ҷаҳон дар оилаҳо навъҳои гуногуни зӯроварӣ дар оила нисбати яке аз аъзои оила (занон, кӯдакон, падару модарони пиронсол, хоҳарон, бародарон ва мардҳо) содир мешаванд. Тадқиқоти тиббӣ-демографии гузаронидаи *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*[1] нишон медиҳад, ки 31% занҳои шавҳардор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби собиқ ҳамсари худ ё ҳамсари худ зери зӯроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ ё рӯҳӣ қарор гирифта шуда будаанд, ки 23% онҳо зарарҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштаанд. Тадқиқотҳои пештараи расмӣ [2] нишон медиҳанд, ки ҳар як панҷум зани 15–49-солае, ки дар ақди никоҳ қарор дошт, аз ҷониби шавҳарони худ зӯроварии рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шаҳвонӣ дидаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуд: «Зарур медонам бори дигар таъкид намоям, ки пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад.
Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, мубориза бо ҷинояткорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.»[3]

Чи тавре аз **Ҷадвали 1** маълум шуда истодааст, агар дар соли 2014 ҳамагӣ **97** протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки бо

---

[1] Тадқиқоти тиббӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018 (ҷамъоварии маълумот гузаронида шуда буд аз санаи *08.08.2017 то санаи 11.11.2017*).– 471 с. Мухтасар ниг.: [Сарчашмаи электронӣ]: http://stat.ww.tj/publications/May2018/FR341R.pdf

[2] Маҷмӯаи «Занон ва мардони Ҷумҳурии Тоҷикистон». Агентии миллӣ оид ба омор дар назди Президенти ҶТ, 2014. Мухтасар ниг.: [Сарчашмаи электронӣ]: http://stat.tj/ru/img/d976061967cd7672af7e083fead26bda_1420539196.pdf

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018, шаҳри Душанбе.

моддаҳои $93^1$ ва $93^2$ Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (минбаъд – КҲМ ҶТ) пешбинӣ шудааст, тартиб дода шуда бошанд, пас то 30 ноябри соли 2018 шумораи онҳо то **1372** афзуд, яъне дар панҷ соли амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар ҷумҳурӣ шумораи зӯроварӣ дар оила тақрибан **14** маротиба афзуд, ки ин вазъият боиси нигаронист.

**Ҷадвали 1**

| № | Намуди чорабиниҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи протоколҳои маъмурӣ, ки барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки бо моддаҳои $93^1$ ва $93^2$ КҲМ ҶТ пешбинӣ шудааст | 0/0* | 82/15 | 316/8 | 548/67 | 894/42 | 1296/76 |

Оқибатҳо аз содир шудани ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ҳам барои аъзоёни оила ва ҳам барои тамоми ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд. Бо мақсади мубориза бо чунин зуҳуроти иҷтимоии номатлуб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 марти соли 2013 Қонун «Дар бораи пешгирии зӯровари дар оила» қабул гардид.

Илова бар ин, афзоиши шумораи зӯроварӣ дар оила аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мушкилоти зӯроварӣ дар оила хеле мубрам аст, ки ҳалли он тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2023» яке аз вазифаҳои асосӣ дар назди ҳукумат мебошад.

Бояд қайд кард, ки ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз қабули Қонуни «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аллакай дар самти мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила фаъолияти муайянро анҷом медод. Бо Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 марти соли 2010 «Дар бораи ворид намудани воҳиди нозирон оид ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила», таҳти №271, 5 утоқи махсусгардонидашудаи пешгирии зӯроварӣ дар оила дар назди МКД –

ду-то дар шаҳри Душанбе, як-тогӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб кушода шудаанд.

Ҳозир ҳам роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон амалигардонии фаъолияти дахлдорро дар самти андешидани тадбирҳои нави ҳуқуқӣ-ташкилӣ пурзӯр намуда, онро баҳри мубориза ҳаматарафа бар зидди зӯроварӣ дар оила равона карда истодааст. Имрӯз дар тамоми кишвар 14 Утоқи махсусгардонидашудаи мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила фаъолият доранд – панҷ-то дар шаҳри Душанбе, як-тогӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ, Панҷакенд, дар ноҳияҳои Исфара, Рашт, Ҷайҳун ва Дӯстӣ.

Фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд – МКД) дар самти мубориза бар зидд зӯроварӣ дар оила ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад.

Бо Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2016, таҳти №27 бо замима, «Дастурамал дар бораи ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафсозӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила» (минбаъд – Дастурамал) тасдиқ шудааст, ки тибқи он ғайр аз нозирон оид ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, нозирони минтақавии милитсия (минбаъд – НММ) низ дар татбиқи Дастурамали дар боло нишондодашуда масъуаланд.

Ҳамзамон, аз қабули Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Дастурамал солҳо гузаштаанд, аммо дар кишвар ҳоло ҳам таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва маъмурии мақомоти милитсия дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила ташаккул наёфтааст.

Бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи ягонаи фаъолияти маъмурии МКД дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки риояи принсипи қонуниятро пайгирӣ мекунад, зарурати тартиб додани **Роҳнамо**и мазкур ба миён омад. Мазмуни **Роҳнамо**и мазкур аз тавсияҳои методӣ барои кормандони дахлдори МКД оид ба амалисозии саҳеҳи ваколати худ ва татбиқи талаботи қонунгузории амалкунанда иборат буда, барои ҳам кормандони имрӯза ва ҳам оянда пешниҳод шудааст.

**Роҳнамо барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ доир ба иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешги-**

**рии зӯроварӣ дар оила»** ҳамчун замима ба «Дастурамал дар бораи ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафсозӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила» аз 20 апрели соли 2016 ба ҳисоб меравад.

## БОБИ I. Фаҳмиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва психологии зуҳуроти зӯроварӣ дар оила

### 1.1. Зуҳуроти *зӯроварӣ дар оила* аз нигоҳи иҷтимоӣ

Низоъҳо ва нофаҳмиҳо дар тамоми муҳити муносибатҳои инсонӣ мавҷуд аст ва қисми ҷудонашавандаи робитаи байни одамон ба шумор меравад. Ҳангоме, ки тарафҳои низоъ метавонанд андешаҳои худро бе поймол сохтани ҳуқуқу озодиҳои ҳамдигар озод баён кунанд, чунин низоъ ба рафтори зӯроварона намеорад. Дар акси ҳол, ҳангоме, ки андеша ва иродаи як тарафи низоъ ба тарафи дигар бор карда мешаванд, низоъ боиси содир шудани кирдори зиддиҳуқуқӣ, яъне зӯроварӣ мегардад, ки дар натиҷа ҳуқуқу озодиҳои дигарон поймол мешаванд. Агар низоъҳо дар дилхоҳ муносибат имконпазир бошанд, пас зӯроварӣ, хусусан, зӯроварӣ дар оила кирдори зиддиҳуқуқии имконнопазир мебошад. Гарчанде, ки дар аксари давлатҳо зӯроварӣ дар оила кирдори зиддиҳуқуқии сазовори ҷазо бошад ҳам, дар баробари ин, зӯроварӣ дар оила яке аз зуҳуротҳои маъмултарини иҷтимоӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар доираи гурӯҳбандии ҳуқуқвайронкуниҳо, зӯроварӣ дар оила ба гурӯҳи ҳуқуқвайронкуниҳое, ки тартиботи ҷамъиятиро вайрон месозанд, шомил аст.

Таъсир ва оқибатҳои зӯроварӣ дар оила барои тамоми аъзоёни оила қариб зарари барқарорнашавандаро мерасонад, ки афсӯс чунин вазъият аз ҷониби ҷомеа ба таври дахлдор баҳо дода намешавад. Тадқиқотҳо дар кишварҳои хориҷӣ исбот мекунанд, ки зӯроварӣ дар оила на танҳо ба буҷети оила, инчунин ба буҷети давлатӣ низ зиёни калонро мерасонад, масалан, ҳангоми расондани кумаки тиббӣ ва барқароршавии психологӣ, тафтиши ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷазои гунаҳкорон ва ғайра. Дар сурате, ки ҷабрдида аз муроҷиати дахлдор даст мекашад, ба ӯ кумак ва дастгирии дахлдор расонда намешавад, шахси гунаҳкор бе ҷазо мемонад, кирдори зӯроварона метавонад дар оянда шиддат гирифта, ба расондани зарари вазнини ҷисмонӣ ё расондан ба худкушӣ ё

ба куштор биёрад. Оқибатҳои зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ ба таври манфӣ ба рафтори шахсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидаанд, таъсир мерасонад. Чунин шахсон дар оянда дар рушди ҷомеа саҳмгузор буда наметавонанд. Зӯроварии доимӣ, гарчанде, ки бевосита ба кӯдакон равона нашуда бошад ҳам (танҳо нисбати модарони онҳо), аммо ба инкишофи рӯҳии кӯдаконе, ки ҳамарӯза шоҳиди зӯроварӣ нисбати модарашон мешаванд, таъсири зарарнок мерасонад. Маҳз барои ҳамин дар баробари андешидани чораҳои ёридиҳанда ба ҷабрдидагон ва ҷазои ҳуқуқвайронкунанда, зарур аст, ки профилактикаи аввалиндараҷа ва дуввумдараҷаи ҳуқуқвайронкуниро (зӯроварӣ дар оиларо) гузаронида шавад, ки наҷоти модарон ва кӯдакони беҳимоя имконпазир шавад. Тадқиқотҳо дар кишварҳои хориҷӣ [4] нишон дода истодаанд, ки дар муҳити зӯроварӣ дар оила зиндагӣ кардани кӯдакон эҳтимоли дар оянда тарбия шудани писар-зӯровар ва духтар-ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оиларо зиёд мекунад. Аксаран кӯдаконе, ки дар чунин оилаҳои носолим зиндагӣ мекунанд, маҷбур мешаванд аз муҳити мазкур гурезанд ва дар натиҷа, дар оянда қурбониҳои ҷиноятҳои шаҳвонӣ, истисмори меҳнатӣ ё бозича дар дасти гурӯҳҳои ҷиноятӣ шуда, ба ҷамъият зарарҳои вазнин мерасонанд. Гарчанде, ки аксарияти ҷабрдидаҳои зӯроварӣ дар оила дар бораи азоби кашидаистодаи худро аз зӯроварӣ дар оила намегӯянд, аммо мавҷуд будани зӯроварӣ дар оила дар муддати дароз боиси барҳам хӯрдани оила/бекор шудани ақди никоҳ ва боқӣ мондани хотираҳои даҳшатнок мегардад, ки дар сатҳи равонии аъзоёни оила, хусусан, кӯдакон эҳсоси дарднокро нигоҳ медоранд.

Зӯроварӣ дар оила зуҳуроти иҷтимоӣ мебошад, яъне ҷамъият он муҳитест, ки дар доираи он зӯроварӣ дар оила мавҷуд аст, дар ин ҷомеа ҷабрдидаҳо ва зӯроварон/ҳуқуқвайронкунандагон, инчунин шаҳрвандони иҳотакардаи онҳо якҷоя зиндагӣ мекунанд. Тибқи омори расмии ВКД ҶТ[5] барои соли 2017 оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳое, ки бо зӯроварӣ дар оила алоқаманд

[4] Зӯроварӣ дар оила: ҳисобот оид ба проблемаи зӯроварӣ дар оила барои соли 2001 – Аз бекор кардани манъ (табу)-и дахолат ба зӯроварӣ дар оила гузаштан ба зиёд кардани маҳорати касбӣ. (Бо забони олмонӣ).– Вена, 2011.– 549 с.

[5] Ҳисоботи оморӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз ҷониби нозирони минтақавии милитсия ва нозирони мубориза бо зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017, ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ҳастанд, 84% зӯроварӣ дар оила аз ҷониби мардҳо содир шудааст ва танҳо 16% аз ҷониби занҳо. Тадқиқотҳои тиббӣ-демографӣ[6] низ нишон медиҳанд, ки дар 83% ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ҳуқуқвайронкунандагон мардҳо ҳастанд. Ҳамин тариқ, зӯроварӣ дар оила дар аксарияти ҳолатҳо нисбати занон содир мешаванд. Занон дар пояи табъизи гендерӣ бештар аз зӯроварӣ дар оила ҷабр мебинанд. Онҳо дар чунин ҳолатҳо осебпазиранд.

Дар ҷомеа сатҳи мафкуравӣ оид ба проблемаи мазкур аз дарки зуҳуроти зӯроварӣ дар оила аз ҷониби шаҳрвандони ҷомеа вобастагӣ дорад. Дигар хел карда гӯем, агар дар ҷомеа табъизи гендерӣ решаҳои чуқур дошта бошад, пас дараҷаи зӯроварӣ дар оила дар чунин ҷомеа баланд аст; ва баръакс, агар дар ҷомеа зӯроварӣ дар оила маҳкум карда мешавад, ба ҷабрдидаҳои зӯроварӣ дар оила кумак ва дастгирии фаврӣ расонда мешаванд ва ҳуқуқвайронкунанда ҷазо дода мешавад, пас дараҷаи зӯроварӣ дар оила паст мебошад.

Афсӯс, баъзе ақидаҳои қатъӣ дар бораи нақши занон дар ҷомеа ба муқаррар шудани нобаробарии гендерӣ боис мешаванд ва сабаби паҳн гаштани зӯроварӣ дар оила мегардад. Маводи дар поён овардашуда, дар **Ҷадвали 1,** баъзе ақидаҳои паҳнгаштаро оид ба зоҳиршавии зӯроварӣ дар муносибатҳои оилавӣ баррасӣ мекунад.

**Ҷадвали 1. Ақидаҳои паҳнгашта ва шарҳи вазъият дар бораи зӯроварӣ дар оила**

| | |
|---|---|
| Ақида | «Зӯроварӣ дар оила – ин як масъалаи шахсӣ мебошад, ки ба он набояд ягон кас дахолат намояд». |
| Шарҳ | *Ҳақиқат надорад.* Зӯроварӣ дар оила ба тамоми аъзоёни ҷомеа дахл дорад, зеро дар натиҷаи табъизи гендерӣ дар ҷомеа пайдо мешавад. Инсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидааст, натанҳо дар оила, балки берун аз оила низ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро пурра иҷро карда наметавонад. Ҷабрдидагони калонсоли зӯроварӣ дар оила, ки ба онҳо муҳити иҳотакардашуда кумаки дахлдор расонда наметавонад, ба худкушӣ даст зада мета- |

[6] Тадқиқоти тиббӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018 (ҷамъоварии маълумот гузаронида шуда буд аз санаи *08.08.2017 то санаи 11.11.2017*).– 471 с. Мухтасар ниг.: [Сарчашмаи электронӣ]: http://stat.ww.tj/publications/May2018/FR341R.pdf

| | |
|---|---|
| | вонанд, ғазаби худро ба кӯдакон зоҳир мекунанд, ҳатто ба куштори зӯровари худ даст зада метавонанд. Кӯдакон-ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила рӯҳан азоб кашида, дар оянда агрессор ё ҳуқуқвайронкунанда мешаванд. Зӯроварӣ дар оила таъсири дурудароз ва манфӣ барои тамоми ҷомеа дорад, зеро оила – асоси ҷомеа ба ҳисоб меравад. |
| Ақида<br><br>Шарҳ | «Ҷабрдида худ сабаби сар задании зӯроварӣ мебошад ва ӯ барои ин сазовор аст».<br>*Ҳақиқат надорад.* Ҷавобгар барои содир кардани зӯроварӣ дар оила шахсе (хоҳ мард бошад, хоҳ зан бошад) ба ҳисоб меравад, ки зӯровариро содир кардааст. Қонун барои чунин кирдори зиддиҳуқуқӣ ҷавобгарӣ муаррар мекунад. Дар радифи зуҳуроти «зӯроварӣ дар оила» барангехтан ё иғво андохтан (провокация) аз ҷониби ҷабрдида ба инобат гирифта намешавад, зеро зӯровар дидаву диниста зӯровариро ҳамчун воситаи ҳалли низои бамиёномадаро интихоб мекунад, гарчанде, ки тарафи дигар дар ин низоъ ҳуқуқи изҳори ақидаи худ дошт. Дар содир кардани дилхоҳ намуди зӯроварӣ шахсе гунаҳкор дониста мешавад, ки зӯровариро содир кардааст, на он нафаре, ки аз ҳуқуқвайронкунӣ ҷабр дидааст. Ягон кас набояд ҳангоми ғайриқонунӣ маҳдуд шудани ҳуқуқ ва имкониятҳояш тоқат намояд. Барои ҳамин зарур аст, ки ҳамсарон ҳатто дар вақти бастани ақди никоҳ ҳуқуқҳои ҳамдигарро донанд, эҳтироми якдигарро ба ҷо биёранд, роҳҳои безӯроварии ҳалли низоъҳои дар оила бавуҷудомадаро ҷустуҷӯ намоянд. |
| Ақида<br><br>Шарҳ | *«Мардон мисли занон аксаран қурбониёни зӯроварӣ дар оила мебошанд».*<br>*Ҳақиқат надорад.* Тадқиқоте, ки аз ҷониби филиали ГОПА мбХ дар ҶТ/PDV аввали соли 2017 дар шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон[7] гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки 37% занони синну солашон 18-49 |

[7] Base line survey on prevention of domestic violence (PDV Project in Tajikistan/GOPA). April 2017. Ҳисобот бо забони англисӣ дастрас мебошад дар: http://pdv.tj/ru/spravochnaya%20informaciya/legal%20framework/information/r-PDV%20BS%202017%20Final%20Summary%20report-170412.pdf

| | |
|---|---|
| | (ақаллан як соли охир бо ҳамзисти худ муносибати доимӣ доштаанд) нисбат ба 3,6% мардон зери зӯроварии ҷисмонӣ қарор дода шуда будаанд. Гарчанде, ки мутахассисон солҳои охир афзудани шумораи мардон-ҷабрдидагонро қайд мекунанд, аммо, ба ҳар ҳол, шумораи муроҷиати занон-ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила зиёд мебошад. |
| <u>Ақида</u><br><br><u>Шарҳ</u> | *«Агар зан аз назди мард-зӯровар намеравад, пас ба ӯ чунин тарзи ҳаёт писанд мебошад».*<br>*Ҳақиқат надорад.* Агар зани лату кӯбшуда муносибати худро бо зӯровар канда намекунад, пас сабабҳои муайян барои ин мавҷуд ҳаст. Сабабҳои бисёри иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мавҷуданд, ки ба интихоби зан-ҷабрдида таъсир расонда метавонанд. Асосан зани лату кӯбшуда аз надоштани имконият муносибати худро бо зӯровар канда намекунад, масалан, надоштани ҷойи зист, бекор будани зан, надоштани маълумоти дахлдор ва маблағ барои нигоҳубини кӯдакон, шарм кардан дар назди ҷомеа, тарсидан аз фикру андешаҳои хешутаборон ва ҷомеа, ки бисёртар занҳоро маҳкум мекунанд ва дигар. Қурбонии зӯроварӣ дар оила метавонад муносибати худро бо зӯровар дар асоси ақидаи нодуруст нигоҳ дорад, масалан, кӯдакон бояд бо падари худ бошанд, ё ин ки аз рӯи ақидаи динӣ. Зиёда аз ин, тарк кардани хонаи истиқоматӣ метавонад боиси шиддат гирифтани зӯроварӣ гардад, чунки зӯровар одатан қурбонии худро ҳамчун моликияти худ медонад, ки он ҳуқуқи эътироз карданро надорад. Ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила метавонад аз таҳдидҳои зӯровар тарсад – расонидани зарар ба ҷабрдида, кӯдакон ва хешутаборони ӯ. Стратегияи кумакрасонӣ ба ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила бояд чунин таҳия шавад, ки ба ҷабрдидаро дар ҳолати ғайриимкон нагузорад, ба ӯ имконият диҳад, ки аз зӯроварӣ дар оила озод шуда тавонад. Дар баробари ин, ба зӯровар низ имконият дода шавад, ки ё аз содир кардани зӯроварӣ дар оила даст кашад ё барои содир кардани зӯроварӣ дар оила ба ҷавобгарӣ кашида шавад. |

| | |
|---|---|
| Ақида | «Мардони зӯровар қудрати таҳти назорат қарор додани эҳсосоти таҷовузгаронаи худро надоранд». |
| Шарҳ | *Ҳақиқат надорад.* Зӯроварӣ дар оила – ин кирдори қасдона мебошад ва агрессор онро дидаву дониста содир карда, рафтори худро ҳатто зери назорат қарор медиҳанд. Зӯроварии онҳо нисбати шахсони муайян мушаххасан равона аст. Ба хашми худ нигоҳ накарда, онҳо нисбати роҳбари худ зӯроварӣ намекунанд, балки дар хона «ғазаби худро» нисбати шахсоне, ки осебпазиранд, мебароранд. Зӯроварон ҳама вақт интихоб карда метавонанд – ё кирдори зӯроваронаро қатъ гарданд ё онро идома диҳанд. Аз сабабе, ки ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила одатан тоқат мекунанд, ба зӯровар бошад нисбат ба ислоҳ кардани рафтори худ бо роҳи зӯроварӣ ҳал кардани масъала нисбатан осонтар аст, аз ин рӯ, зӯроварӣ такрор ба такрор содир мешавад. Зӯроварон аксаран рафтори худро кӯшиш мекунанд, ки ҳамчун «назоратнашаванда» шарҳ диҳанд, ва бо ҳамин худро сафед мекунанд ва зиёда аз ин худи ҷабрдидаро дар содир шудани зӯроварӣ дар оила гунаҳкор мекунанд. Аммо ин баҳона буда наметавонад. Тибқи қонунгузории амалкунанда танҳо зӯровар ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, на ҷабрдида. |

## 1.2. Зуҳуроти зӯроварӣ дар оила аз нигоҳи психологияи муносибатҳо байни одамон

Сабаби асосии содир шудани зӯроварӣ дар оила дар психологияи муносибатҳои инсонии байни агрессор (шахсе, ки зӯроварӣ дар оила содир намудааст) ва новобаста аз ҷинс қурбонии он (шахсе, ки аз зӯроварӣ дар оила ҷабр дидааст). Зӯроварӣ дар оила – ин шакли рафтори агрессор бо нишон додани қувва, ҳокимият ва назорат аз болои шахси сустар, заифтар, ки одатан аз агрессор вобаста мебошад. Мақсади агрессор – қурбонии худро таҳти назорати доимӣ нигоҳ доштан аст, маҷбурнамоии даст кашидан аз ақида ва манфиатҳои худ, мухолифи иродаи худ амал кардан, тарсонидан, паст кардан, ҷазо додан барои итоат накардан, аз муҳити иҳотакардашуда дур сохтан ё содир кардани дигар ҳаракатҳое, ки ба дахлнопазирӣ ва озодии шахсӣ таҷовуз мекунанд.

Дар мафҳуми «зӯроварӣ дар оила», ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» оварда мешавад, калимаи *қасдан* истифода шудааст. Ин маънои онро дорад, ки агрессор *дидаву дониста* нисбати ҷабрдида зӯроварӣ мекунад, аксаран чунин кирдор мунтазам содир мешавад.

Фаҳмиши зуҳуроти зӯроварӣ дар оила аз нигоҳи психологияи муносибатҳои байни ҷабрдида ва агрессор дар намунаи маъруфи ҷаҳонӣ «Чархи ҳокимият ва назорат» (ниг. ба Расми 1**).**

**Расми 1** – «Чархи ҳокимият ва назорат»-и зӯровар нисбати ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила

<table>
<tr><th colspan="3">Чархи ҳокимият ва назорати зӯровар нисбати ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила:</th></tr>
<tr><td>Истифодаи маҷбуркунӣ ва тарсонидан<br>Агрессор аз зӯроварӣ ва тарсонидан бо мақсади маҷбур сохтани ҷабрдида барои анҷоми ягон амал ё бар хилофи иродаи худ итоат кардани ӯ ба зӯровар, ҳатто ҳангоми аз ҷониби ҷабрдида мурочиат намудан ба милитсия истифода мебарад.</td><td rowspan="2">ҲОКИМИЯТ ВА НАЗОРАТИ АГРЕССОР:</td><td>Тарсонидан<br>Агрессор ҷабрдидаро бо амалҳо ё нигоҳи махсус метарсонад; ӯро бо нобуд сохтани ашёи муайян метарсонад; аъзоёни дигари оила ва ҳайвонҳоро масхара мекунад, баъзан бо истифодаи аслиҳа онҳоро метарсонад.</td></tr>
<tr><td>Истифодаи зӯроварии иқтисодӣ<br>Агрессор ба ҷабрдида кор кардан ё хонданро манъ мекунад, ӯро маҷбур месозад, ки пул қарз гирад, аз болои харҷи маблағҳои пулӣ назорати аз ҳад зиёд мекунад, ба ҷабрдида ба буҷети оилавӣ ё ӯро дар банақшагирии</td><td>Истифодаи зӯроварии рӯҳӣ<br>Агрессор ҷабрдидаро паст мезанад; маҷбур мекунад, ки ӯ худро нокас ва пурра вобаста ҳисоб кунад, маҷбур мекунад, ки ҷабрдида худро девона фикр кунад ва дар содир шудани зӯроварӣ худро гунаҳкор</td></tr>
</table>

| | | |
|---|---|---|
| якҷояи буҷети оилавӣ роҳ намедиҳад. | | эҳсос намояд. |
| **Ҳамчун молик нисбати ҷабрдида рафтор кардан** Агрессор бо ҷабрдида ҳамчун хоҷа муомила мекунад, ба ӯ имконият намедиҳад, ки дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ иштирок намояд, андешаи худро иброз кунад; бо ҷабрдида ҳамчун хизматгори худ рафтор мекунад (ҳатто чунин рафторро ба хешовандони худ ҳам иҷозат медиҳад). | | **Назорати аз ҳад зиёд ва маҳдудсозӣ** Назорати аз ҳад зиёди агрессор аз болои он, ки ҷабрдида бо кӣ вомехӯрад, бо кӣ сӯҳбат мекунад, чӣ мехонад, муносибати ҷабрдидаро бо хешовандонаш маҳдуд месозад; зоҳир намудани рашки беандоза ё истифодаи рашк барои сафед кардани зӯроварии содиршуда. |
| **Истифодаи кӯдакон** Агрессор таҳдид мекунад, ки кӯдаконро аз дасти ҷабрдида мегирад ва бо ҳамин ӯро маҷбур месозад, ки ҷабрдида худро нисбати кӯдакон гунаҳкор эҳсос намояд (масалан, кӯдакон метавонанд зарар бинанд, агар дар бораи зӯроварӣ дар оила мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабардор шавад). | | **Назарногирӣ, раднамоӣ ва айбдоркунӣ** Агрессор саҳми ҷабрдидаро нодида мемонад ё онро инкор мекунад ё ӯро дар итоат накардан гунаҳкор карда, кӯшиш мекунад, ки ҷавобгариро аз худ барои содир шудани зӯроварӣ дур намояд. |

Аз тарафи дигар, мавҷуд будани назорати пурраи агрессор аз болои ҷабрдида ба агрессор ҳисси ҳокимияти ба ӯ намерасидагӣ ва ҳисси худсобиткуниро медиҳад, ки ба зӯровар барои қонеъ гардондани нафси худ заруранд. Чун қоида, агрессия дар натиҷаи гирифтани ягон хел зарбаҳои психологӣ дар рафти зиндагӣ, ки агрессор онҳоро ӯҳда карда наметаво-

над, пайдо мешавад. Агрессорон ҳангоми аз хонаи истиқоматӣ рафтани ҷабрдидагон бениҳоят хатарнок мешаванд, чунки, аз як тараф, онҳо аз «нишон»-и агрессияи худ, ҳокимият ва назорати мутлақи худ ва имконияти қонеъгардонии худ маҳрум мешаванд, аз тарафи дигар, онҳо метарсанд, ки мақомоти адолати судӣ оид ба ҳуқуқвайронкунӣ маълумот пайдо мекунад. Бениҳоят хатарнок агрессороне мебошанд, ки рашки беандоза ё ҳисси азоб додани як касро доранд, пештар ҷиноят содир кардаанд, сӯистеъмол аз маводи мухаддир мекунанд, ягон хел аслиҳа доранд. Чун қоида, нозирони минтақавии милитсия дар бораи чунин шахсон маълумот дошта, онҳоро ба қайди махсус мегиранд.

Аксаран ҷомеа рафтори ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оиларо дар масоили даст кашидан аз мурочиат ҳамчун «ин кори шахсии ӯ аст» баҳогузорӣ мекунанд, ки чунин муносибат муносибати таҳаммулпазиронаи ҷомеаро нисбати зуҳуроти зӯроварӣ дар оила нишон медиҳад. Дар баробари ин, сабабҳои даст кашидани ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оиларо аз мурочиат ба мақомоти милитсия фаҳмидан лозим аст, онҳо метавонанд гуногун бошанд, ба монанди:

- тарс аз қасдгирии агрессор, шиддагирии ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, ҳатто куштор;
- шарм ва тарси маҳкумшавӣ аз ҷониби ҷомеа;
- тарси бе таъминот мондан аз ҷониби агрессор, ки аз вобастагии молиявӣ ба миён меояд (надоштани маблағҳои пулӣ барои нигоҳубини кӯдакон, манзили истиқоматӣ); тарси гирифтани талоқ аз ҷониби шавҳари агрессор;
- рӯҳафтодагӣ, нобоварӣ ба худ, дигар тағйирот дар шахсият, ки дар натиҷаи зӯроварии тӯлонӣ пайдо шудаанд (ҳатто то пайдо шудани синдроми Стокголм).

Инчунин баъзе ҳолатҳои вазнинкунандаи вазъиятро ба инобат гирифтан лозим аст, ки ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила дар дохили онҳо қарор дорад:

- агрессор дар манзили истиқоматӣ ҳамроҳи ҷабрдида зиндагиро идома дода, бе шоҳид имкониятҳои беандозаи нишон додани ҳокимият ва назорати худро нигоҳ медорад (гарчанде, ки ба ӯ амрномаи муҳофизатӣ дода шавад ҳам);
- мурочиатҳои пештараи ҷабрдида оид ба расонидани кумак ҳалли худро намеёбанд, ки ин ба шиддат гирифтани зӯроварӣ дар оила мерасонад ва дар оянда хоҳиши мурочиати дуюмбораро аз байн мебарад;

- агрессор дар сурати мурочиати чабрдида барои расонидани кумак ба ӯ таҳдид мекунад, ки ба кӯдакон зарар мерасонад ё аз дасти чабрдида онҳоро мегирад;
- атрофиён (падару модарон, наздикон, аҳолии маҳалла) ба чабрдидаи зӯроварӣ дар оила таъсири сахт расонда, онҳоро аз мурочиат кардан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бозмедоранд;
- чабрдидагони зӯроварӣ дар оила боввариро ба сохторҳои кумакрасон аз даст диҳанд, онҳо боварӣ надоранд, ки ба чабрдидагон кумаки самараноки ройгон расонда шуда метавонад.

Афсӯс, чомеа дар аксари ҳолатҳо чабрдидаро дар содир шудани зӯроварӣ дар оила маҳкум месозанд, чунки агрессор дар чашми онҳо ҳамчун одами ботартиб дида мешуд ва аҳли чомеа тасаввур карда наметавонад, ки аз дасти агрессор ин хел кор меояд. Чомеа бештар ба шаҳрвандоне бовар мекунад, ки онҳо аз худ боварӣ доранд, аз нигоҳи молиявӣ мустақил мебошанд, дар бораи проблемаҳои худ нақл намекунанд. Ва баръакс, чомеа дар содир кардани зӯроварӣ дар оила чабрдидагонро – шахсоне, ки аз худ боварӣ надоранд, бесаводанд, дар зиндагӣ муваффақ нестанд, аз дигарон вобаста ҳастанд, дар вазъияти шиддатнок худро ғайричашмдошт нишон дода, обрӯи оиларо паст мезананд, «гунаҳкор» меҳисобанд.

Ҳолатҳои дар боло овардашударо ҳам кормандони мақомоти милитсия ва ҳам дигар мутахассисоне, ки бо зӯроварӣ дар оила кор мекунанд, бояд ба инобат гиранд, то ин ки ба зӯроварӣ дар оила ба таври дахлдор эътино намуда, дар оянда ҳуқуқҳои поймолшудаи чабрдидаи зӯроварӣ дар оиларо ҳифз карда тавонанд.

## БОБИ II. Муқаррароти қонунгузорӣ ва меъёрӣ оид ба мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила

### 2.1. Қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила

Дар боби мазкур иқтибос аз матнҳои санадҳои қонунгузории чории Чумҳурии Точикистон оварда мешаванд.

1. **Иқтибос** аз Конститутсияи Чумҳурии Точикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016):

**Моддаи 33**.

Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладори ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Бисёрникоҳӣ манъ аст.

**Моддаи 34**.

Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

2. **Иқтибос** аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004

**Моддаи 10. Вазифаҳои милитсия**

Милитсия вазифадор аст:

6) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо татбиқ намояд **(ҚҶТ аз 19.03.2013 с., №941).**

3. **Иқтибос** аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ат 19 марти соли 2013:

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

– **зӯроварӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад;

– **пешгирии зӯроварӣ дар оила** – маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии аз ҷониби субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила амалишаванда, ки ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, муайян ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда равона карда шудаанд;

– **зӯроварии ҷисмонӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила, ки дар натиҷаи истифода бурдани қувваи ҷисмонӣ боиси расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ шудааст;

– **зӯроварии рӯҳӣ дар оила** – таъсиррасонии қасдонаи рӯҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад;

– **зӯроварии шаҳвонӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила, ки ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии дигар узви оила таҷовуз мекунад, инчунин ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки нисбат ба узви ноболиғи оила содир шудаанд;

– **зӯроварии иқтисодӣ дар оила** – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад;

– **ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила** (минбаъд – ҷабрдида) – узви оила, ки ба ӯ аз ҷониби дигар узви оила қасдан зарари ҷисмонӣ, маънавӣ ё моддӣ расонида шудааст;

– **амрномаи муҳофизатӣ** – ҳуҷҷате, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ё шахсе, ки таҳдиди содир намудани онро мекунад, дода мешавад;

– **субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила** – мақомоти давлатӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои пешгирии зӯроварӣ дар оила масъул мебошанд.

### Моддаи 11. Ваколатҳои мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила

Мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

– иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила;

– қабул, баррасии мурочиатҳо ва дигар маълумот дар хусуси зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир шудани он бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ошкор намудани сабаб ва шароитҳои барои зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда;

– ба қайд гирифтани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ва нисбати ӯ татбиқ намудани чораҳои тарбиявию пешгирикунанда;

– ҳангоми мурочиат ба ҷабрдида фаҳмонидани ҳуқуқҳои ӯ ва дар ҳолати зарурӣ ба муоинаи тиббӣ фиристодани ҷабрдида;

– бо розигии хаттии ҷабрдида ба марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон фиристодани ӯ;

– додани амрномаи муҳофизатӣ ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда;

– тартиб додани мавод, оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ба қайд гирифтани оилаҳое, ки дар онҳо мунтазам ҳодисаҳои зӯроварӣ ҷой доранд ва татбиқ намудани чораҳои пешгирикунанда ҷиҳати устувор намудани оила;

– пешбурди баҳисобгирии омории ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила;

– ташкили курсҳои махсуси таълимӣ оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;

– амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

4. **Иқтибос** аз Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз 31 декабри соли 2008

**Моддаи 93[1]. Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила**

Барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, яъне содир намудани кирдори қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодӣ ё таҳдиди содир намудани онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, агар ин кирдор боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила гардад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят,–

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

**Моддаи 93$^{2}$. Риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ**

Барои риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ,–

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз таъйин карда мешавад (**ҚҶТ аз 19.03.13 с., №938).**

5. **Иқтибос** аз Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013:

**Моддаи 5. Мафҳумҳои асосӣ**

Мафҳумҳои асосие, ки дар Кодекси мазкур истифода шудаанд:

– **иштирокчиёни мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ** – мақомот ва шахсоне, ки таъқиби маъмуриро анҷом медиҳанд, инчунин шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пеш бурда мешавад (ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намоянда, ҳимоятгар), инчунин прокурор, коршинос (эксперт), мутахассис, шоҳид, шахси холис, тарҷумон;

– **таъқиби маъмурӣ** – фаъолияти мурофиавие, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) бо мақсади муайян кардани кирдори бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъшуда ва шахсе, ки онро содир кардааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани ӯ, ҳамчунин барои таъмин кардани татбиқи ҷазо ва ё дигар чораҳои маҷбурӣ нисбат ба чунин шахс анҷом медиҳанд.

## БОБИ 8. БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ МУРОФИАИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ

**Моддаи 78. Протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

Дар бораи содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахси мансабдори ваколатдор тибқи талаботи Кодекси мазкур протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад.

**Моддаи 79. Мазмуни протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

1. Дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сана ва маҳалли тартиб додани он, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахсе, ки протоколро тартиб додааст, маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардааст, маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

ҷавобгариро барои ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд, насаб, ном ва номи падар, суроғаи шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд), баёноти шахсони воқеӣ, мансабдор, ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, хоҳиши онҳо дар бораи иштироки ҳимоятгар ё бе иштироки ӯ (оид ба парвандаҳое, ки иштироки ҳимоятгар дар онҳо ҳатмӣ нест) ва дигар маълумоти барои ҳалли парванда зарур сабт карда мешаванд.

2. Ҳангоми тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, инчунин ба ҳимоятгар ва дигар иштирокчиёни баррасии парванда ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тибқи Кодекси мазкур пешбинигардида фаҳмонида шуда, он дар протокол сабт карда мешавад.

3. Ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, бояд имконияти шиносшавӣ бо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва маводи ба он замимагардида дода шавад. Шахсони зикргардида ҳуқуқ доранд бо иштироки ҳимоятгар баёнот дода, доир ба мазмуни протокол мулоҳизаҳои худро изҳор намоянд, ки онҳо ба протокол замима карда мешаванд.

4. Ба протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси мансабдор, ки онро тартиб додааст, инчунин шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, ҳимоятгар, шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд) имзо мегузоранд. Агар чунин шахсон аз имзо кардани протокол саркашӣ намоянд, доир ба ин ҳолат дар протокол аз ҷониби шахси мансабдор, ки протоколро барои шиносшавӣ пешниҳод намудааст, сабти дахлдор ворид карда мешавад.

5. Ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, инчунин ба ҷабрдида тибқи дастхат нусхаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ супорида мешавад.

**Моддаи 80. Тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

1. Протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи талаботи Кодекси мазкур аз ҷониби шахсони мансабдоре, ки мутобиқи боби 10 Кодекси мазкур барои пешбурд ва ё баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ваколатдоранд, дар доираи ваколатҳои худ тартиб дода мешавад.

2. Ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо, воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои ҳудудии онҳо, инчунин дигар мақомоти давлатӣ мутобиқи вазифаю ӯҳдадориҳои назоратии худ, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо вогузор шудааст ҳуқуқ доранд, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб диҳанд. Дар ин ҳолат шахсони мансабдори ваколатдори зикргардида протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар маводи замимагардидаи парвандаро дар муҳлати на дертар аз се шабонарӯзи баъди тартиб додани он ба судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор), ки ҳуқуқ доранд парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ намоянд, ирсол мекунанд.

**Моддаи 81. Оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

1. Барои оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ инҳо асос мегарданд:

– аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор), ки ваколати тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро доранд, бевосита ошкор кардани маълумотҳои кофӣ, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳанд;

– маводе, ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ворид шуда, дорои маълумоте мебошанд, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳанд;

– хабару аризаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин хабари воситаҳои ахбори омма, ки дорои маълумоти саҳеҳ ва воқеии гувоҳидиҳандаи мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд.

2. Мавод, хабар ва ариза дар бораи ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур мавриди баррасӣ ва санҷиш қарор дода мешаванд.

3. Парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) танҳо дар сурати мавҷуд будани яке аз асосҳои пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда ва маълумоти кофӣ, ки аз мавҷудияти ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гувоҳӣ медиҳанд, оғоз карда мешавад.

4. Ҳангоми набудани асосҳои кофӣ шахси мансабдори ваколатдори баррасикунандаи маводи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қарори асоснок мебарорад.

**Моддаи 82. Тартиби оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

1. Парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз лаҳзаи қабули таъинот ё қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғозгардида ҳисоб мешавад.

2. Дар қарор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вақт ва маҳалли қабул кардани қарор ё таъинот, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахси қарор ё таъинотро тартибдода, асос барои оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, маълумоте, ки аз мавҷуд будани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гувоҳӣ медиҳад, моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд, нишон дода мешаванд. Ҳангоми қабули қарор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо қарор ё таъинот қабул карда шудааст, инчунин ба дигар иштирокчиёни мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо, ки тибқи Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, фаҳмонида, дар ин бора дар қарор ё таъинот сабт карда мешавад.

3. Нусхаи қарор ё таъинот дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо қарор ё таъинот қабул карда шудааст, инчунин ба ҷабрдида дар давоми як шабонарӯз бо гирифтани забонхат супорида ё фиристода мешавад.

**Моддаи 83. Аз ҷониби прокурор оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

1. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи ӯ ҳангоми назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд вобаста ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки барои содир кардани онҳо тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст, парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз намоянд.

2. Прокурор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қарор қабул мекунад, ки он бояд дорои маълумоти пешбининамудаи моддаи 86 Кодекси мазкур бошад. Қарори мазкур дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи моддаи 85 Кодекси мазкур ба мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) барои баррасӣ фиристода мешавад.

**Моддаи 84. Муҳлати тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**

1. Протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ фавран баъди ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад.

2. Ҳангоми зарурати ба таври иловагӣ муайян кардани ҳолатҳои парванда ё маълумот дар бораи шахсони воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз мегардад, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ на дертар аз се шабонарӯзи баъди ошкор кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад.

3. Ҳангоми гузаронидани тафтишоти маъмурӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баъди ба охир расидани тафтишот дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи моддаи 86 Кодекси мазкур тартиб дода мешавад.

**Моддаи 85. Фиристодани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қарори прокурор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои баррасӣ**

1. Протоколи тартибдодаи мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ё қарори прокурор оид ба оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар давоми се шабонарӯз ба судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) равон карда мешаванд.

2. Протокол ва ё қарори прокурор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки содир кардани он боиси ҳабси маъмурӣ ё бо роҳи маъмурӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун кардан мегардад, баъди тартиб додан фавран барои баррасӣ ба судя супорида мешаванд.

3. Ҳангоми ба мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) бо асосҳои пешбинигардидаи қисми 1 моддаи 134 Кодекси мазкур баргардонидани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар маводи парванда мақомоти ваколатдори давлатии (шахсони мансабдори) мазкур камбудиҳои нишондодашударо дар давоми то се шабонарӯз ислоҳ

намуда, протокол ва дигар маводи парвандаро такроран ба судя, мақомоти ваколатдори давлатии (шахсони мансабдори) баррасикунандаи парванда мефиристонанд ё мутобиқи талаботи Кодекси мазкур дигар қарор қабул менамоянд.

## БОБИ 10. СУД, МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ (ШАХСОНИ МАНСАБДОР), КИ ПАРВАНДАҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИРО БАРРАСӢ МЕНАМОЯНД

**Моддаи 93. Суд**

1. Суд дар доираи салоҳияти худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои $93^1$ ва $93^2$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, баррасӣ менамояд.

6. **Иқтибос** аз «Дастурамал дар бораи ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафсозӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила» аз 20 апрели соли 2016, таҳти №27 бо замима.

## БОБИ 7. ҲУҚУҚҲОИ КОРМАНДОНИ МКД ДАР ҲОЛАТИ ОШКОР ШУДАНИ ҲОЛАТҲОИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА Ё ТАҲДИДИ СОДИР ШУДАНИ ОН

**Банди 8**. Корманди МКД ҳуқуқ дорад, бо иҷозат ва дар ҳолатҳои ба даст овардани маълумоти боэътимод дар бораи он, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё моликияти аъзои оила хавфи бевосита вуҷуд дорад, бидуни гирифтани иҷозати шаҳрванд ба бино ва қитъаҳои ба шахси содиркунандаи зӯроварӣ дар оила тааллуқдошта, барои бартараф намудани чунин хавф ворид шавад ва дар муҳлати 24 соат ба прокурори дахлдорро дар ин бора ҳатман хабардор намояд.

**Банди 10**. Ҳуқуқи амал кардани корманди МКД дар ҳолати содиршавии зӯроварӣ дар оила дар асоси муроҷиати хаттӣ, шифоҳӣ ё телефонӣ, ки ба МКД ворид мегардад, аз:

– ҷабрдида;

– аз дигар аъзоёни оила дар ҳолатҳои душвори ҳаётӣ;

– шахсони масъуле, ки ба оилаи мазкур хизматрасонӣ пешниҳод мекунанд;

– аз мақомоти васӣ ва парасторӣ;

– дигар шахсоне (ҳамсоягон, шоҳидон, намояндагони муассисаҳои таҳсилотӣ, пешвоёни ғайрирасмӣ), ки маълумоти боэътимод дар бораи хавфи содиршавии амалҳои зӯроварӣ ё дар бораи ҳолати содиршавии онҳо доранд.

Тибқи банди 45 Дастурамал МКД дар давраи эътино намудан ба ҷабрдида баҳодиҳӣ мекунад. Ҳангоми баҳодиҳӣ намудани зӯроварии содиршуда, аз ҷониби кӣ содиршавии зӯроварӣ, ба кадом намудҳои кумак ниёз доштанро қайд менамояд. Ҳамзамон, МКД дар асоси Замимаи 2 Дастурамал ва бо розигии ҷабрдида чораҳои зеринро тадбиқ мекунад:

– бозфиристиии расмӣ барои расонидани кумаки таъҷилӣ ба ҷабрдида;

– бозфиристиии расмӣ барои расонидани кумаки ғайритаъҷилӣ ба ҷабрдида;

– бозфиристиии ғайрирасмӣ барои расонидани кумак ба ҷабрдида.

Тибқи банди 46 бозфиристии расмӣ барои расонидани кумаки таъҷилӣ ба ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила дар сурати ногузир (мисол, ҳангоми зарари вазнин, миёна ва сабук ба саломатӣ расондани зарар, таҷовуз ба номус) анҷом дода мешавад, ки ба ҷабрдида расонидани кумаки таъҷилии тиббӣ, таъмини амнияти ҷабрдида ва аъзои оилаи ӯ ва кумаки психологӣ зарур аст (Нигаред ба расми 1).

**Расми 1** – Тартиби бозфиристии расмӣ барои расонидани кумаки таъҷилӣ ба ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила дар сурати ногузир



Тибқи банди 48 Дастурамал бозфиристиии расмӣ барои расонидани кумаки ғайритаъҷилӣ ба ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила ҳангоми муроҷиати оддӣ, ки ба дахолати таъҷилӣ аз ҷониби субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила ва таъмини амнияти ҷабрдида зарурат надорад, амалӣ карда мешавад. Бозфиристӣ дар ин ҳолат мустақилона аз ҷониби ҷабрдида амалӣ карда мешавад ва ҳамроҳӣ кардани ҷабрдидаро аз ҷониби субъекти пешгирикунанда талаб намекунад.

Тибқи банди 49 Дастурамал бозфиристии ғайрирасмӣ барои расонидани кумак ба ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила аз рӯйи тартиби пешгирии зӯроварӣ дар оила аз ҷониби ҳамаи субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила амалӣ карда мешавад. Яъне ба ҷабрдида маълумот дар бораи хизматрасонӣ/ташкилотҳое, ки ба онҳо ҷабрдида муроҷиат карда метавонад пешкаш мешавад.

Тибқи банди 51 Дастурамал МКД бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила дар доираи ваколатҳояш ҳамкории устувор ба роҳ мемонад. МКД бо риояи Замимаи 3 Дастурамал ҳар семоҳа ба мақомоти давлатии кор бо занон ва оила ҳисобот ирсол менамояд.

Хусусияти асосии ҳуқуқвайронкуниҳое, ки бо зӯроварӣ дар оила алоқаманданд, дар он аст, ки онҳо танҳо қасдона содир мешаванд.

Ба таснифи ҷиноятҳое, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ содир гаштаанд, метавон чунин ҷиноятҳоро дохил намуд:

- одамкушӣ (моддаи 104 КҶ);
- кӯдаки навзоди худро куштани модар (моддаи 105 КҶ);
- одамкушие, ки дар ҳолати изтироби шадиди равонӣ содир карда шудааст (моддаи 106 КҶ);
- одамкушӣ дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромадан ва ё дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда заруранд (моддаи 107 КҶ);
- ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ);
- расонидани зарари барқасдонаи дараҷаи вазнин ба саломатӣ (моддаи 110 КҶ);
- расонидани зарари барқасдонаи дараҷаи миёна ба саломатӣ (моддаи 111 КҶ);
- расонидани зарари барқасдонаи дараҷаи сабук ба саломатӣ (моддаи 112 КҶ);

- қасдан расонидани зарар ба саломатӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (ҷунун) (моддаи 113 КҶ);
- қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ (моддаи 114 КҶ);
- лату кӯб (моддаи 116 КҶ);
- азобу шиканҷа (моддаи 117 КҶ);
- таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (моддаи 120 КҶ);
- маҷбур кардан барои гирифтани узвҳо ё бофтаҳои бадани ҷабрдида барои трансплантатсия (моддаи 122 КҶ);
- ба исқоти ҳамл маҷбур сохтани зан (моддаи 124 КҶ);
- дар хатар танҳо гузоштан (моддаи 127 КҶ);
- ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ (моддаи 131 КҶ);
- мачбуркунонӣ (моддаи 134 КҶ);
- таҷовуз ба номус (моддаи 138 КҶ);
- ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139 КҶ);
- маҷбур намудани шахс ба алоқаи ҷинсӣ (моддаи 140 КҶ);
- алоқаи ҷинсӣ ва ё дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки баръало ба синни шондаҳсолагӣ нарасидааст (моддаи 141 КҶ);
- анҷом додани ҳаракати бадахлоқона (моддаи 142 КҶ);
- ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани ҷиноят (моддаи 165 КҶ);
- ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани кирдорҳои зидди ҷамъиятӣ (моддаи 166 КҶ);
- хариду фурӯши ноболиғон (моддаи 167 КҶ);
- ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида (моддаи 168 КҶ);
- иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳо оид ба тарбияи ноболиғ (моддаи 174 КҶ);
- бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон (моддаи 177 КҶ);
- бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат (моддаи 178 КҶ).

Рӯйхати ҷиноятҳоро аз рӯи хусусияти ҳар як рафтори ҷиноятӣ дар робита бо субъектҳои ҷиноят, аз ҷумла алоқаҳои оилавии байни онҳо, метавон васеъ намуд.

Асосан ва аксаран, ҷиноятҳои маишӣ дар муҳити оила хатари зиёдеро барои ҷомеа надоранд ва аз рӯи хусусиятҳои худ ҷиноятҳои дараҷаи начандон вазнин маҳсуб мегарданд – расонидани зарари бадқасдонаи сабуки ҷисмонӣ,азобу уқубат, таҳдид ба куштан. Бо вуҷуди ҳамин ҳам, ошкор намудани чунин ҷиноятҳо самти муҳими фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, имкон медиҳад, ки барои содир гаштани ҷиноятҳои вазнинтар роҳ дода нашавад.[8]

## БОБИ III. Нақши нозирони минтақавии милитсия дар ошкор кардани зӯроварӣ дар оила ва пешгирии он

### 3.1. Ваколати нозирони минтақавии милитсия дар ошкор ва бақайдгирии ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила

Милитсия яке аз мақомоти қудратии ҷумҳурӣ буда, барои иҷро намудани нақши асосӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ, пешгирии баландшавии сатҳи ҷинояткорӣ, ошкорсозии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дигар қонунвайронкуниҳои ҷамъият пешбинӣ карда шудаанд.

Дар ин робита, аҳолӣ, яъне ҷомеаи шаҳрвандӣ, бояд бо ин мақомот бо ҳисси боварӣ ва эътимод муносибат намуда бо онҳо ҳамкорӣ намояд. Агар сатҳи эътимоди аҳолӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ дар сатҳи паст қарор дошта бошад он гоҳ шаҳрвандон дар ҷои истиқомат, ко рва дигар маконҳо ба таври бояду шояд дар хусуси фактҳои содиршавии ҷиноятҳо хабар намедиҳанд ва ин ҳолат бе шаку шубҳа, барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои самаранок ва иҷрои зарурии вазифаҳои ШВКД мусоидат менамоянд.

Барои ҳамин ба мақомоти милитсия зарур мебошад, ки ба аҳолӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, алоқаҳои наздик ва ҳамкориҳоро ба роҳ монда, иштироки онҳоро таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва бунёд намудани муҳити ҳуқуқӣ фароҳам овардаанд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз 03.12.2009 сол).

---

[8] *Казаков В., Алимов К., Давлатов М.* Пешгирии зӯроварӣ дар оила / китоби дарсӣ ва иттилоотӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва марказҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016.– 139 с.

Дар мавридҳои гуногуни содиршавии ҳодисаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дигар қонунвайронкуниҳо, аҳолӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ аз ҷумла ба нозирони минтақавии милитсия (НММ), хадамоти дидбонию пайроҳадории милитсия (ХДПМ) ва хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғон ва ҷавонон (ХПҲНҶ) ба минтақаҳои маъмурӣ, хатсайрҳо, постҳо, навбатдории милитсия муроҷиат менамоянд ва кормандони ин мақомот бошанд вазифадор мебошанд, ки барои пешгирӣ ва ошкор намдунаи чунин ҳодисаҳо, ҳуқуқвайронкуниҳо тибқи вазифаҳои хизматӣ чораҳои заруриро андешанд.

Самтҳои асосии фаъолияти милитсия, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои онҳо ба таври муфассал дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дар моддаҳои 10 ва 11 дарҷ гардидаанд. Дар моддаи якуми ин қонун дар бораи мафҳуми милитсия, дар бораи мақомоти милитсия ва самтҳои асосии фаъолияти он сухан меравад. Ҳамин тариқ милитсия ин мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқот ва тафтишоти пешакӣ буда, барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳоми ҷомеа ва давлат дар муқобили ҷиноятҳо равона гардида, ба он ҳаққи истифодаи чораҳои маҷбурӣ дар доираи аз тарафи қонун муайянгашта дода шудааст.

Самтҳои асосии фаъолияти милитсия аз инҳо иборатанд:

1. Ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ;
2. Пешгирӣ, рафъи ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо;
3. Ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ;
4. Таъмини тартибот ва бехатарии ҷамъиятӣ;
5. Ошкор намудан, таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо. Ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд;
6. Ҳимояи ҳама гунна шакли моликият аз кирдорҳои ғайриқонунӣ;
7. Дар доираи муқарра намудани қонуни мазку рва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидаи таблиғоти ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандон;
8. Таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ; (ҚҶТ аз 3.12.2009 сол тибқи №568).
9. Татбиқ ва иҷрои ҷазои маъмурӣ.

Фаъолияти мақомоти милитсия аз ҷониби қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004 ва Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ» (Ахбори маҷлиси Олӣ – Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, №3 – моддаи 155 – 2011) ва Низомномаи ВКД ҶТ №592 аз 28.12.2006 ба танзим дароварда мешавад. Тибқи қонунҳои дар боло зикргардида, милитсия ӯҳдадор мебошад, ки дар таҳия ва амалисозии барномаи пешгирии афзоиши ҷинояткорӣ, аз он ҷумла пешгирии зӯроварӣ дар оила (минбаъд – ЗО ) ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ иштирок намуда, вазифа ва функсияҳои бевоситаи худро иҷро намояд. Нисбати иҷрои вазифаҳои худ МКД қабул ва баррасии мурoҷиатҳо, хабарномаҳо ва дигар маълумоти марбут ба содиршавии ҷиноятҳо ва ҳодисаҳо, аз ҷумла фактҳои ЗО ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро бар асоси тартиботи муқаррааргардида дар қонунгузории ҶТ «Оид ба мурoҷиати шаҳрвандон (Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №24, моддаи 368, 1996.) ва фармони муштараки сохторҳои қудратии ҶТ №22 аз 25.10.2010 сол. «Оид ба тартиби ягонаи қабул, бақайдгирӣ ва баррасии аризаҳо, хабарномаҳо ва дигар маълумоти марбут ба ҷиноятҳо ва дигар ҳодисаҳо ба роҳ мемонанд.

Ваколатҳои МКД оид ба пешгирии ЗО дар муқаррароти моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» таҳти №954 аз 19 марти соли 2013 дарҷ карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, ШВКД ба сифати субъекте, ки бевосита ба пешгирии ЗО ҷалб гаштааст, дар сатҳи сохторҳои махсусгардонидашуда ваколатҳои зеринро доро мебошад:

1. Иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамкорӣ бо дигар субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила ;
2. Қабул, баррасии мурoҷиатҳо ва дигар маълумот дар хусуси зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир шудани он бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Ошкор намудани сабаб ва шароитҳои барои зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда;
4. Ба қайд гирифтани шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ва нисбати ӯ татбиқ намудани чораҳои тарбиявию пешгирикунанда;
5. Ҳангоми мурoҷиат ба ҷабрдида фаҳмонидани ҳуқуқҳои ӯ ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба муоинаи тиббӣ фиристодани ҷабрдида;
6. Бо розигии хаттии ҷабрдида ба марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон фиристодани ӯ;
7. Додани амрномаи муҳофизати ба шахсӣ зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда;

8. Тартиб додани мавод, оғоз намудани парвандаи хуқуқвайронкунии маъмурӣ ё парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси зӯроварӣ дар оила содирнамуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон:
9. Ба қайд гирифтани оилаҳое, ки дар онҳо мунтазам зӯроварӣ ҷой доранд ва татбиқ намудани чораҳои пешгирикунанда чиҳати устувор намудани оила;
10. Пешбурди баҳисобгирии омории ҳодисаҳои зӯроварӣ дар оила;
11. Ташкили курсҳои махсуси таълимӣ оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;
12. Амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

Ба ҳамин монанд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», кормандони милитсияро вазифадор менамояд, ки чораҳои алоҳидаро нисбати пешгирии ЗО андешанд. Бар ҳамин асос амалҳои кормандони милитсия дар мавридҳои ЗО, чунин мақсадҳоро доранд:

1. Пешгирӣ ва аксуламалҳо бар зидди ЗО тавассути тамоми васоили қонунӣ;
2. Кафолати муҳофизати аъзои оилае, ки дучории зӯроварӣ гаштаанд, махсусан кӯдакон, пиронсолон ва маъюбон;
3. Кафолати риояи муқаррароти қонунгузорӣ оид ба пешгирии ЗО ва дигар санадҳои меъёрии миллӣ ва байналмилалӣ;
4. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидани зӯровар;
5. Пешгирии такрори амалҳои зӯроварӣ;
6. Пешгирии оқибатҳои вазнини ЗО (марг, зарарҳои вазнини ҷисмонӣ) аз лаҳзаи содиршавии аввалин мавридҳои ЗО;
7. Баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳои махсус ва фардии пешгирикунанда нисбати унсурҳои бақайдгирифташуда ба сифати зӯроварон дар оила;
8. Усули байнисоҳавии ҳалли мавридҳои ЗО ва аз нав равона намудани ҷабрдидагони ЗО ба хадамоти барқарорсозӣ ва муассисаҳои тиббӣ.

НММ дар минтақаҳои хизматии худ бояд чунин вазифа ва функсияҳои асосиро иҷро менамоянд:

1. Ташкил ва гузаронидани корҳои фардии пешгирикунӣ бо шахсоне, ки дар қайдҳои махсуси профилактивӣ ворид карда шудаанд ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва таблиғотӣ дар байни аҳолӣ;

2. Ошкорсозӣ ва ба қайди пешгирикунанда ворид намудани шахсоне, ки кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ содир намудаанд ва ё тамоюлоти содир намудани низоъу ҷанҷолҳои оилавиро доранд (бадмастҳо, истеъмолкунандагони маводи мухадирӣ – наркомонҳо, ки доғи судӣ доранд, дар кофтукоб қарор доранд, беморони равонӣ ва беморони асаб ва ғайра);
3. Санҷиши аризаҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон оид ба ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ;
4. Гузаронидани корҳо ба шахсоне, ки низоъу ҷанҷолҳои оилавӣ дар муҳити манзил ҷангу ҷанҷол ба роҳ андохтаанд дар қайдҳои махсуси пешгирикунанда – профилактивӣ сабт шудаанд.

## Бақайдгирӣ ва баррасии мавридҳои зӯроварӣ дар оила

**Мафҳум дар бораи огоҳномаҳо, хабарномаҳо ва маълумот дар бораи фактҳои содиршавии ҷиноятҳо, аз ҷумла фактҳои содиршавии ЗО. Тартиби қабул ва ба қайдгирии онҳо дар шӯъбаҳои вазорати корҳои дохилӣ.**

Таҳти мафҳуми огоҳномаҳо ва хабарномаҳо ва маълумотҳо оид ба фактҳои содир намудани ҷиноятҳо, аз ҷумла фактҳои содир намудани ЗО чунин огоҳномаҳо ва хабарномаҳое дар назар гирифта мешаванд, ки дар худ нишондиҳандаҳои вақти муайян (сана ва соат) ва маҳалли содир шудани ҷиноят, факти содиршавии ЗО, ва ё содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмуриро дошта бошанд.

Ариза, огоҳнома, хабарнома дар хусуси ҷиноятҳо-ин чунин маълумоте, мебошад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷараёни баррасии мурофиавӣ талаб карда мешавад. Ба аризаҳо, огоҳномаҳо ва хабарномаҳои марбут ба содир гаштани ҷиноятҳое, ки барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ асос мебошанд дохил мешавад:

1. Аризаи шифоҳӣ, баъди фаҳмондадиҳии ҷавобгарӣ барои шаҳодати бардуруғ додан бо тартиби додани санади протокол ва гирифтани имзои аризадиҳанда;
2. Ариза дар хусуси бедарак гум шудани шаҳрванд;
3. Хабарномаи хаттӣ ва ё мактубҳои шаҳрвандон, ки дорои маълумоти зарурӣ мебошанд ва тибқи талаботи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд;
4. Хабарномаи хаттӣ аз ҷониби корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони расмӣ.

Аризаҳо, огоҳномаҳо, хабарномаҳо ва дигар маълумотҳо аз бақайдгирӣ ва сабткунӣ пӯшида маҳсуб мегарданд, агар маълумот оид ба онҳо ба китоби қайди аризаҳо ва хабарномаҳо доир ба ҷиноятҳо ворид карда нашуда бошанд (китоби №1) ва ё ба китоби дигар қайдҳо оид ба ҳодисаҳо (китоби №2) ва ба онҳо рақами қайд гузошта нашуда бошад (Банди №7, Фармони муштарак аз 25.10.2010 сол).

**Бақайдгирӣ** – ин гузоштани рақами тартибӣ ба ҳар як ариза, хабарнома (хаттӣ ва ё даҳонӣ), дигар маълумот оид ба ҷиноятҳо ва ҳодисаҳо тибқи тартиби муайян ва ворид намудани онҳо ба китоби қайдҳо (Банди №2.1, Фармони муштарак аз 25.10.2010).

Сабтсозӣ – ин аломатгузорӣ оид ба шумора ва мазмуни аризаҳо ва хабарномаҳо оид ба ҷиноятҳоест, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ворид гаштаанд, ба қайд гирифта шудаанд ва ба зимни маълумоти оморӣ дохил карда шудаанд.

Таҷрибаи корӣ ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ки бар асоси талаботи фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №440 аз 17.07.2007 «Оид ба тасдиқи Дастурамал дар бораи тартиби баррасии аризаҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон ва ташкили қабули онҳо аз ҷониби МКД» амалӣ карда мешаванд, нишон медиҳад, ки чунин огоҳномаҳо, хабарномаҳо ва дигар маълумот ба МКД тавассути чунин роҳҳо ворид мегарданд:

1. Ариза ва муроҷиати хаттии шаҳрвандон (аризаҳо метавонанд хаттӣ ва ё даҳонӣ бошад ваарizaҳои даҳонӣ бояд ба протокол ворид карда шавад;
2. Хабарномаҳои иттиҳодиҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ;
3. Мавод ва хабарномаҳои дар васоити хабари омма нашр гардида;
4. Бо эътирф ҳозир шудан бо иқрори гунох;
5. Хабарномаҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони расмӣ;
6. Хабарномаҳои сохторҳои вазорати тандурустӣ ва бахшҳои он дар минтақаҳо;
7. Ошкорсозии аломатҳои ҷиноят ва фактҳои ЗО аз ҷониби ашхоси расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
8. Қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти ШВКД ва сохторҳои зертобеи он;
9. Муроҷиат ба қисмҳо ва Шуъбаҳои навбатдории РВКД, ШВКД зангҳои телефонӣ ба қисмҳои навбатдории РВКД ва ШВКД ва бахшҳои зертобеии он;

10. Маълумотномаҳое, ки тавассути почта, телеграф, компютер ва сомонаҳои интернетӣ ба даст омадааст.

Дар асоси фармони муштарак сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ оид ба қабул ва бақайдгирии ҷиноятҳо №22 аз 22.10.2010, агар аризаҳо, муроҷиатҳо, хабарномаҳо ва маълумот дар худ хабарҳоро дар хусуси содир гаштан ва фактҳои ЗО (расонидани зарари ҷисмонӣ ва зарар ба саломатӣ, таҳдид ва таҳқир, таҳдид ба куштор ба дигар ҳодисаҳо) дар муҳити манзилро дошта бошанд, онҳо бояд китоби қайдҳои ҷиноятҳо ба қайд гирифта шаванд (китоби ҳодисаҳо (КҲ) №1).

Дигар ариза, муроҷиат ва маълумотҳое, ки иттилои қисмҳои набатдории РВКД ва ШВКД тавассути зангҳои телефонӣ ва бевосита тариқи муроҷиати шаҳрвандон нисбати фактҳои низоъҳои оилавӣ, ҷанҷолҳои оилавӣ дар муҳити манзил, ки дар онҳо таркиби пураи ҷиноят дида намешавад, дар китоби қайдҳои ҳодисаҳо (КҲ №2) бар асоси аризаи ҷабрдида ва ё намояндаи қонунии ӯ сабт карда мешаванд. Минбаъд онҳоро бо мақсади санҷиши иловагӣ ва гузаронидани таҳқиқот ба НММ ва ё Шуъбаи таҳқиқ барои баровардани хулосаи аниқ ва ё қабул намудани қарори зарурӣ ирсол карда мешаванд.

Тибқи моддаи 103 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабули қарор оид ба санҷиши аризаҳо, огоҳномаҳо ва хабарномаҳо оид ба ҷиноят, аз ҷумла фактҳои зӯроварӣ дар оила, ки дар онҳо таркиб ва аломатҳои ҷиноят дида мешаванд, муҳлати 3 рӯз ҷудо карда мешаванд, ки ниҳоӣ маҳсуб мегардад ва 10 рӯз бошад муҳлати истисноӣ мебошад. Дар ин муҳлат НММ, муфаттиш ва таҳқиқбаранда оид ба тафтиш бояд чунин қарорҳоро қабул намояд:

1. Оид ба оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ;
2. Оид ба қатъ намудани (рад намудани) парвандаи ҷиноятӣ;
3. Оид ба ирсол намудани маводи тафтиш ва санҷиш (ариза ва хабарнома) ба мақомоти ваколатдори дахлдор.

Субъектҳои имконпазири расонидани маълумот ва ошкорсозии далелҳои ЗО, низоъу ҷанҷолҳо дар оила ва дар муҳити манзилӣ дар чадвали 5 оварда шудаанд.

Манбаъҳои дарёфти (аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) хабарномаҳо ва мавод дар бораи фактҳои ЗО метавонанд бошанд:

1. Зангҳои телефонӣ, ВАО;

2. Аризаҳо ва мактубҳо;
3. Ҳозир гаштан ва мурочиат ба мақомот;
4. Маълумоти тавассути почтаи электронӣ дастрашуда;
5. Маълумоти тавассути сомонаҳои интернетӣ ба дастомада;
6. Маълумоти тавассути ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба даст омада;
7. Маълумоти аз марказҳои бӯҳронӣ барои ҷабрдидагон ЗО ба даст омада;

Сабаб барои ба қайд гирифтани мавриди ЗО метавонанд мавридҳои зерин бошанд:

1. Ариза оид ба ЗО;
2. Шахсан ҳозир гаштан;
3. Хабарномаи шахси мансабдор, ки тавассути вазифаҳои хизматии худ дар бораи далели ЗО иттилоъ ёфтааст;
4. Хабар дар ВАО;
5. Ошкоркунии бевоситаи таҳқиқгар, муфаттиш ва ё прокурор дар хусуси маълумоте, ки ба аломатҳои ЗО далолат менамоянд;
6. Занге, ки аз ҷабрдидаи ЗО ворид гаштааст.

Ариза ва маълумот дар хусуси содиршавии ЗО ва ё таҳдиди содир намудани он аз ҷониби мақомоти марбутаи давлатӣ тибқи тартибот аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

Маълумоте, ки ба ШВКД дар ҳама намуд ворид мешаванд, бояд ба таври фаврӣ ба **Китоби сабтҳои навбатдори калони оперативӣ** ворид карда шаванд ва агар асосҳои қонунии фарзкунӣ мавҷуд бошад, ки ҷиноят содир карда шудааст, ба **Китоби бақайдгирии ҷиноятҳо ворид** карда мешавад.

## Амали кормандони ШВКД баъди расидан ба макони ҳодиса

**Тартиби равон намудани гурӯҳи оперативӣ-тафтишотии (ГОТ) ШВКД ба макони ҳодиса ва ҷиноят, ва ё НММ оид ба фактҳои зӯроварӣ дар оила. Тартиби омода намудани маводи зарурии тафтишотӣ оид ба ошкорсозии далелҳои ЗО ва ё далелҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.**

Тибқи Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи милитсия»**, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»** аз 19.03.2013 с., м.11, зербанди 2, 3, 4 ва 8, **Фармони муштараки**

**сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби бақайдгирии далелҳои ҷиноят дар МКД** (№22 аз 25.10.2010) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Оид ба мурочиати шаҳрвандон»**, мақомоти корҳои дохилӣ, тибқи вазифа ва функсияҳои худ, ӯҳдадор мебошанд, ки ҳангоми гирифтан ва ё ошкор намудани далелҳои низоъҳои оилавӣ, ҷанҷолҳои оилавӣ, далелҳои таҳдид, таҳқир, тамаъҷӯӣ, зарбу лат, нест кардани моликияти шахсӣ, рафторҳои авбошӣ ва бо зӯри рондани узви оила, чораҳои мушаххасро андешанд.

Шахсоне, ки зӯроварӣ содир намудаанд, бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ё маъмурӣ кашида шаванд. Дар айни замон, дар нисбати гунаҳкор (боздоштшуда) бояд чораҳои махсуси фардӣ ва пешгирикунанда, аз ҷумла дар асоси моддаи 11, зербанди 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»** андешида шаванд ва он бояд ба қайди махсуси пешгирикунии ШВКД (Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №10 аз 23.02.2013 с., банди 41 ва 42) гирифта шавад.

Роҳбарияти РВКД ва ШВКД барои ташкил, омодасозӣ ва сари вақт ирсол намудани гурӯҳи оперативӣ тафтишотӣ (ГОТ) ва НММ ба маҳалли содиршавии ҷиноят, ҳодисаҳо ва далелҳои ЗО, пешгирӣ намудани низоъҳои оилавӣ ва ҷанҷолҳои оилавӣ масъул мебошанд.

Чунин амалҳо ҳамчунон ба ҷумлаи вазифа ва ӯҳдадориҳои асосии роҳбарияти ШВКД, ки ба пуррагӣ дар фармону амрҳои ВКД инъикос ёфтаанд, дохил гаштаанд. Қисми навбатдорӣ яке аз бахшҳои асосии ШВКД мебошад, ки Шуъбаҳои дигари амалиётиро роҳбарӣ менамоянд, тамоми мавриду ҳодисаҳо, хабарномаҳо ва маълумотро ба қайд гирифта, онҳоро ба роҳбарияти ШВКД пешниҳод менамояд. Роҳбарияти ШВКД, вобаста ба вазъи амалиётӣ, навбатдории хаммарӯзаи НММ-ро дар қисматҳои ноҳия ва шаҳр ташкил намуда, ҳамзамон ба онҳо супориш медиҳад, ки дар ҳолатҳои содир гардидани далелҳои ЗО, таҳдид, таҳқир, тамаъҷӯӣ, лату кӯб, нест намудани моликияти шахсӣ ва кирдорҳои авбошона, бевосита бо ГОТ бояд ба ҷои ҳодиса ҳозир шуда, маводи аввалияи тафтишотиро тартиб диҳанд.

Ба таври умумӣ қисми навбатдории ШВКД дар сафарбар намудани кормандони милитсия ба маҳалли содиршаваии ҷиноят ва баррасӣ намудани низоъу ҷанҷолҳои шадиди оилавӣ нақши муҳим мебозанд. Саривақт ҳозир гаштани кормандони милитсия ба ҷои ҳодиса ва ҷиноят ба он мусоидат менамояд, ки мавод, асбобҳои содир намудани ҷиноят ва дигар далелҳои шайъӣ (воқеӣ) дар вақти зарурӣ кашф ва мусодира карда мешавад. Ин ҳамчунон барои сари вақт

дастгир намудани шахсони ҷиноят ва ё ҳуқуқвайронкунӣ содир намуда ва дидани чораҳои қонунӣ нисбати онҳо кӯмак мерасонад.

**Амал ва рафторҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми ҳозир гаштан ба ҷои ҳодиса, ҷиноят, ошкорсозии далелҳои содиршавии ЗО, низоъву ҷанҷолҳои оилавӣ ва пешгирӣ намудани онҳо.**

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17.05.2004, моддаҳои 10 ва 11, фармони муштараки сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон №22 аз 25.10.2010 «Оид ба тартиботи ягонаи бақайдгирӣ, сабт ва баррасии аризаҳо, хабарномаҳо ва дигар маълумот оид ба ҷиноятҳо ва ҳодисаҳо», ва ҳамчунон Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон №10 аз 23.02.2013 сол, ШВКД ӯҳдадор мебошанд, ки аз рӯи хабарномаҳо, иттилоот оид ба ҳодисаҳои содиршавии ҷиноятҳо ва дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла ЗО, ба ҷои ҳодиса ҳозир гашта, чораҳои заруриро андешанд. Масъалаҳои дар боло зикргардида самтҳои асосии фаъолияти НММ-ро ташкил медиҳанд ва онҳо барои бурдани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо дар минтақаҳои таҳти хизматрасонӣ масъул мебошанд.

Тибқи қонунҳои амалкунанда, фармонҳо ва дастурамалҳои ВКД, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми ҳозир гаштан ба маҳалли ҳодиса, ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ бояд чунин амалҳоро иҷро намоянд:

1. Шахсияти ҷабрдида ва шахсияти шахси зӯроварӣ содирнамударо (гумонбарро) муайян намуда, бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият аз ҷумла дар хусуси ҷои доимии истиқомат шинос шавад;
2. Аз зӯровар талаб намояд, ки амалҳои авбошона, зӯроварона, таҳдидомез ва таҳқиромез, тамаъҷӯӣ ва ҳамчунон дигар амалу кирдорҳои зиддиҳуқуқиро қатъ намояд ва зӯроварро дар хусуси оқибатҳои истифодаи қувваи ҷисмонӣ огоҳ намояд;
3. Ҷои ҳодисаро тафтиш намуда, дар бораи тафтиши ҷои ҳодиса протокол тартиб диҳад;
4. Шоҳидон, аъзои оила, ки ҳодисаро дидаанд ва олатҳоеро, ки тавассути онҳо амалҳои зӯроварӣ / ҷиноят содир карда шудааст муайян намояд; далелҳои шайъиро гирад, дигар маводро, ки бевосита ба масъалаҳои таҳқиқи ҳодисаи мазкур дахл доранд ҷамъоварӣ намояд;
5. Дар ҷои ҳодиса пурсиши гоҳидон, ҳамсояҳо ва хешу таборони ҷабрдида, шахси ЗО содир намударо анҷом диҳад;

6. Омилҳо, сабабҳо ва шароитҳоеро, ки дар онҳо ҳодисаҳои зӯроварӣ, лату кӯб, таҳқир, таҳдид ва расонидани зарарҳои ҷисмонӣ содир гаштааст муайян намояд;
7. Тартиб додани маводи ибтидоии таҳқиқ ва пешниҳод намудани онҳо ба қисми навбатдории ШВКД барои бақайдгирӣ ва пешниҳод намудани ҳисоботи расмӣ ба роҳбарияти ШВКД бо мақсади андешидани чораҳои минбаъдаи қонунӣ нисбати зӯровар;
8. Ҳимоя намудани аъзои дигари оила, аз ҷумла ҷабрдидагоне, ки тахти таҳдид қарор доранд ва ё мусоидат намудани онҳо ба ҷои бехатар ва дуртар аз маҳалли ҳодиса;
9. Андешидани чораҳо оид ба дастгир намудани гумонбар, овардани ҳуқуқвайронкунанда (гумонбар) ба ШВКД ва ё муваққатан нигоҳ доштани ӯ дар ҷойҳои махсус (камера барои боздоштшудагон), яъне амалӣ кардани чораҳо барои муввақатан маҳдуд намудани ҳуқуқҳои боздоштшуда (изолятсия), агар ба ин зарурат бошад;
10. Дар ҳолате, ки шахси амали зӯроварӣ содир намуда, бемори равонӣ, майнуши ашаддӣ ва ё истеъмолкунандаи маводи мухаддир – наркоман бошад, зарур аст, ки онҳоро ба беморхонаҳои махсуси тандурустӣ фиристанд;
11. Қатъ намудани нерӯи барқ нурӯи барқ ва газ дар ҳолатҳои таҳдиди оташ задан ва ё таркондани бино/хона аз ҷониби гумонбар.

Дар ҳолати ҷой доштани ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, қисми навбатдории ШВКД ба ӯ бояд роҳхат ба санҷиши судӣ-тиббӣ диҳад ва дар ин хусус дар китоби махсус бояд қайд намояд. Қисми навбатдории ШВКД вазифадор ва ӯҳдадор мебошад, ки ба нозири минтақавии милитсия ва Шуъбаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ оид ба тамоми ҳолатҳои зӯроварӣ, низоъҳо ва ҷанҷолҳои оилавӣ хабар диҳад. Бо мақсади ҳал намудани масъалаҳои пешгирикунии расмӣ нисбати қатъ намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ва дар ҳолатҳои мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ, бояд чораҳои зарурӣ барои ворид намудани шахси зӯроварӣ содирнамуда ба қайди махсуси пешгирикунанда – профилактикӣ гирифта шавад (Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №10 аз 23 феврали соли 2013).

Ҳангоми ворид гардидани маълумот оид ба низоъи оилавӣ корманди ШВКД бояд бо таври фаврӣ ба маҳалли ҳодиса ҳозир шавад ва дар ин ҳолат ӯ бояд қоидаҳои бехатарии шахсиро риоя намуда маълумотро оид ба нуқтаҳои зерин омӯзад:

- Оё зӯроваре, ки нисбати иттилоъ ворид гаштааст, қаблан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ кашида шудааст, хусусияти ҳуқуқвайронкунии ӯ чӣ гуна аст, оё дар қайди ШВКД қарор дорад ё не;
- Маълумот дар бораи ҷабрдида ва дигар шаҳрвандоне, ки дар он суроғa зиндагӣ менамоянд;
- Мавҷуд будани силоҳ дар суроғаи нишондодашуда;
- Дигар маълумотҳои мавҷуда.

Баъди ҳозир шудан, ҳудудҳои ҷои ҳодиса муайян карда шуда, тафтишот гузаронида мешавад. Қисми зиёди ҳуқуқвайронкуниҳо дар манзилҳо ва ё дигар моликиятҳои қонунии шаҳрвандон содир карда мешаванд, бинобар ҳамин бояд қайд намуд, ки тафтиши манзил бо иштироки шоҳидон ва бо розигии соҳибмулк ва ё шахсони болиғи дар он ҷо зиндагикунанда ва ё тибқи қарори муфаттиш, мақомоти таҳқиқ, ки ба онҳо иҷозати судя ва ё ҷонишини он қабл аз тафтиш дода шудааст, гузаронида мешавад.

Дар ҳолатҳои истисноӣ (дар ҷойҳои дастрасии мушкил, дар мавриди набудани воситаҳои зарурии алоқа ва ҳамчунон дар ҳолатҳое, ки ба таъхир гузоштани тафтиш бо хатари ҷонӣ ва саломатии одамон вобаста бошад), тафтиш бидуни иштироки шоҳидон гузаронида мешавад.

Ҳангоми тафтиши маҳалли ҳодиса зарурати риоя намудани ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро бояд дар хотир дошт – даромадан ба манзиле, ки дар он ЗО содир гаштааст, тибқи қонун амалӣ карда мешавад. Корманди милитсия ҳангоми бевосита пеши роҳи ҷиноятро гирифтан, таъқиб намудани шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар мебошанд ва дар ҳолатҳои фавқулодда, ки ба бехатарии ҷамъиятӣ таҳдид менамоянд, ҳуқуқ доранд, ки ба хонаҳои истиқоматӣ, қитъаҳои замини шахсони хусусӣ ворид гардида чорабиниҳои оперативӣ – тафтишотиро амалӣ намоянд. Дар тамоми ҳолатҳои воридшавӣ ба манзил, ба қитъаҳои замини шахсони хусусӣ бар хилофи хиҳиши соҳибони онҳо тибқи тартибе, ки аз тарафи қонун муайян гардидааст ва бо иттилоъ додани прокурор дар муддати 24 соат амалӣ карда мешавад.

Корманди ШВКД ҳангоми баррасии иттилоот оид ба ЗО бояд бехатарии ҷабрдидаро таъмин ва ба хатару осеб ба ҳаёт ва саломатии шахсон роҳ надиҳад. Барои ин дастгирсозии зӯровар, дар ҳолатҳои зарурӣ бошад, баровардани ҷабрдида ( бо ризоияти онҳо) ва фарзандони онҳо, ирсол намудани онҳо ба марказҳои махсуси кумакрасонӣ

ва офиятбахшӣ амалӣ карда мешаванд. Дастгиркунии зӯровар тибқи қонунҳои амалкунанда татбиқ карда мешавад.

## Мафҳуми қиёфаи-симои ҷинояткор

Таҳти мафҳуми симои ҷинояткор аксаран тасвирсозии ҷинояткори ҳанӯз ташхиснашуда фаҳмида мешавад, ки тавассути барқарорсозии ҷиноятхои монанд ва шарҳ додани хусусиятҳои онҳо ба даст оварда мешавад. Баъзан симои мазкурро акс ва ё симои равонӣ-криминалистӣ, хусусиятҳои психологӣ-криминалистӣ ва ё криминалӣ ва ғайра низ меноманд.

Шаклҳои гуногуне, ки бар асоси омӯзиши парвандаҳои ҷиноятии таҳқиқшудаи муваффақ таҳия карда шудаанд, аҳамияти махсус доранд, чунки дар ҷиноятҳои монанд аломатҳои мутобиқи шахсияти иҷрокунандаҳои онҳо ба назар мерасад.

Дар назария тартибдиҳии симои психологии ҷинояткор аз панҷ усулҳои аслӣ иборат мебошад:

1) омӯзиши ҳаматарафаи табиат ва моҳияти ҷиноятҳо ва намудҳои ҷиноӣ-криминалии шахсон (шаклҳои психологӣ-психиатрии шахсоне, ки дар гузашта кирдорҳои монанд содир намудаанд);
2) таҳлили шомили маҳалии ҷинояти барасишаванда;
3) омӯзиши амиқи муҳити наздиктарини атроф, машғулият ва корҳои дӯстдоштаи ҷабрдида (қурбониён, агар онҳо якчанд нафар бошанд);
4) ташаккули эҳтимолии омилҳои ангезандаи тамоми шахсоне, ки ба таҳқиқ ворид карда шудаанд;
5) тавсифи ҷинояткор (бар асоси зуҳуршавии берунии рафтору кирдори моҳияти эҳтимолии психологии ӯ).

Корманди милитсия бояд аз малакаву маҳорати махсуси муайян намудани аломатҳои аёнӣ бархӯрдор бошад, ки аз рӯи онҳо метавон муайян намуд, ки шахсе, ки дар маҳалли ҳодиса дар пеши онҳо пайдо шудааст, қурбонии ЗО мебошад.

Ба чунин аломатҳо хусусияти ҷисмонӣ ва психологии бо чашм аён дохил мешаванд (аломатҳои ҷисмонӣ ва психологӣ).

Аломатҳои ҷисмонӣ:

- Кабудшавии ҷисм, харош, дигар асарҳои латту кӯб, афтодани дандонҳо, зарар дидани панҷаҳои даст ва бофтаҳои мулоим, ҷой доштани қисман шифо ёфтаи ҷароҳатҳои бардошта, изи газидан, сӯхтагиҳои дорои шаклҳои ғайриоддӣ;
- хунравӣ;

- нафасгирии тез-тез;
- сару либосҳои дарида ва ё набудани онҳо дар бадан;
- шакли зоҳирии ногувор, мӯйҳои ҷӯлида ва нохунҳои дарозшуда;
- кам шудани вазни бадан, талафи оби бадан.

**Аломатҳои равонӣ-психологӣ**:
- ҳаяҷону изтироби баланд, ҳаракатҳои кунд;
- изтиробу нигарониҳои беасос, буҷуръатӣ, ҳолати хавфу хатар, бетафовутию беташаббусии пурра, эҳсоси бечорагӣ;
- номутобиқии зарарҳо бо шарҳҳое, ки дар хусуси гузаштаи пайдошавии онҳо дода мешавад;
- дурӣ ҷустан аз нигоҳ ва тамос;
- номутобиқатӣ ба воқеият дар хусуси аёдати духтур;
- рад намудани кӯмак, дахолати берунӣ барои равшан намудани вазъият;
- рафтори афсурда, кирдори аҷибу ҳайратовар (дар курсӣ алвонҷ хӯрдан, пора кардани коғаз, шона кардани мӯйҳо, мудовим аз якҷо ба ҷои дигар гузоштани ашёҳо ва ё онҳоро дар дастҳо тоб додан);
- эҳсоси гуноҳ аз «ҷазоҳои» ҷисмонии гирифта;
- майл ба худкушӣ, таҳдиди худкушӣ ва ғайра.

Ин аломатҳои номбаршуда ҳанӯз аз ҷой доштани зӯроварӣ дар оила шаҳодат намедиҳанд, чунки онҳо метавонанд бо сабабҳои дигар низ рӯх диҳанд. Бо вуҷуди ҳамин ҳам, чунин аломатҳо бояд диққати корманди милитсияро, ки ба таҳқиқи маълумоти расида оид ба ЗО машғул мебошад, ба худ ҷалб намоянд ва боиси нигаронии ӯ гарданд.

Корманди милитсия, ки парвандаро доир ба ЗО баррасӣ менамоянд,бояд дар хотир дошта бошанд, ки:
- Тамоми маълумот оид ба ЗО бояд ҳамчун факти ҷиддии поймолкунии ҳуқуқи инсон қабул карда шавад;
- Бояд бодиққат рафтори он шахсонеро, ки дар ҷои ҳодиса мавҷуд мебошанд мушоҳида намуд - аз эҳтимол дурр нест, ки таҳлили рафтору кирдор метавонад малумоти бештаре диҳад дар муқоиса бо он маълумоте, ки аз тариқи суҳбат ба даст оварда мешавад;
- Ҳар як маврид ва факти зӯроварӣ дар оила хусусияти фардӣ дорад. Ҳангоми баррасии мавриди мушаххас, набояд аз хуло-

саҳое, ки аз ҷониби худи шумо ва ҳамкорони шумо дар вазъиятҳои ба назари шумо, монанди ЗО бароварда шудаанд, истифода бурд;

- Ба ҳангоми сӯҳбат бо ҷабрдида бояд дар хотир дошт, ки инсон дар мисли чунин ҳолатҳо, дар натиҷаи ҷароҳати ҷисмонӣ ва ё психологӣ, одатан, дар вазъияти ҳаяҷони шадиди эҳсосотӣ ва ё фишору афсурдагӣ қарор дорад;
- Усули сӯҳбат намудан бояд барои оромшавӣ ва дастгирии шахси ҷабрдида кӯмак намояд;
- Шахси ҷабрдида, одатан, оқибатҳои вазъияти ба амал омадаро кам карда, нишон медиҳад ва он мавриди мушаххасро ҳамчун зӯроварӣ эътироф наменамояд. Сабаби даъвати ШВКД-ро метавонанд ҳамчун нест намудани моликият, занозанӣ, ҷанҷол, хархаша ва ё дигар амалҳо нишон диҳанд;
- Зӯровар аксаран ҳамчун шахси ором ва ботамкин метавонад ба назар рассад, ки гӯё намефаҳмад, ки барои чи намояндагони ШВКД даъват шудаанд. Ӯ метавонад бо тамасхур нақл намояд, ки зани ӯ – ҳаяҷонӣ – истерик мебошад ва ӯ метавонад ба чизҳои майда-чуйдаи зиндагӣ хеле бо эҳсос рафтор намояд. Ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ба фикрҳои «ҳамрайъии мардон» (дар мавриде, ки корманди милитсия ва зӯровар – аз ҷинси мард ва ҷабрдида аз ҷинси мард ва ҷабрдида бошад аз ҷинси зан бошанд) роҳ дод. Корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ба таври воқеӣ ба кӯшишҳои зӯровар барои бор кардани ҷавобгарии содир намудани зӯроварӣ ба гардани ҷабрдида ва ё кӯшиши таассуфхӯрӣ («худаш ҳаминро хост», «ин худаш маро ба ин кор водор намуд», «ман худамро дошта натавонистам ва назорати худро гум кардам») муносибат намояд;
- Корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ба он вазъияте тайёр бощад, ки дар он зӯровар худро қурбонӣ метарошад, кӯмаку ёрӣ талаб менамояд, худро чунин нишон медиҳад, ки он вазъиятро махсус як ҷониби дигар ташкил намудааст то аз ӯ халос шаванд ва аз роҳи фиреб ӯро кормандон боздошт намоянд. Дар аксар ҳолатҳо зӯровар метавонад ваъда намояд, ки ӯ метавонад ҳама чизеро, ки аъзои оила ва кормандони милитсия мехоҳанд иҷро намояд, то ки онҳо аз даъвои худ гузаранд ва ӯро бо ҳамроҳии қурбонӣ ба ҳолашон гузоранд. Корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ба ҳар васила ба зӯровар расонад/фаҳмонад, ки рафтору кирдори ӯ аз чорчӯбаи қонун берун мебошад ва он, ки дар тарафи ҷабрдидадавлат мебошад, ки ӯ бо шахсияти худ онро намояндагӣ менамояд;

- Рафтори оромтар ва ботамкинтари зӯровар аксаран дар оилаҳои бо ном, некӯаҳволтар ва аз ҷиҳати моддӣ таъминбуда ва ё дар оилаҳое, ки субъектҳои ЗО дараҷаи маълумот ва таҳсилоти баландтаре доранд. Дар мисли чунин ҳолатҳо кормандони милитсия набояд хулосаҳои саросемавор бароранд – тавсия дода мешавад, ки ба таври муфассал аз ҳамсояҳо пурсида шавад, ба ин оила бори дигар ташриф оранд.

Қоидаҳои умумие, ки бояд онҳоро кормандони милитсия ба ҳангоми таҳқиқу баррасии мавридҳои ЗО риоя намоянд бо чунин нуктаҳо хулосабандӣ мегардад:
- Ба таассуроти якум дода нашаванд;
- Аз зӯровари эҳтимолӣ фосила гирад ва бо ӯ вориди баҳсу ҷадал нагарданд;
- Ба таври муфассал вазъиятро омӯзанд ва тамоми амалҳои муровиавии пешбинишудаи ҳуқуқиро иҷро намоянд.

Дар ҳолатҳои баррасии факти ЗО ва дар лаҳзаи ҷидоли байни субъектҳои зӯроварӣ, пеш аз ҳама корманди милитсия бояд кӯшиш намоянд, ки шиддати вазъиятро паст намоянд, чунки рафтори агресивӣ дар ҳалли вазъият ва ҷангу ҷидол метавонад ба шаклгирии манфии ҷараёни ҳодисаҳо оварда расонад. Бо ин мақсад, ба корманди милитсия зарур мебошад, ки:
- Худро шинос намояд, асоси дар маҳалли ҳодиса мавҷуд будани худ ва ваколатҳои худро барои баррасии чунин парвандаҳо фаҳмонида диҳад;
- Субъектҳои зӯроварӣро ба утоқу хонаҳои гуногун ҷудо намояд;
- Ба таври ором ва бидуни ягон эҳсосот аниқ намояд, ки кӣ ва барои чӣ дар он утоқҳо мавҷуд мебошанд ва муҳити фардии ҳар як шахсро вайрон нанамояд;
- Аз ягон тараф пуштибонӣ нанамояд ва беғараз боқӣ монад;
- Ба вазъият бо таври касбӣ муносибат намояд ва масъаларо сода нанамояд;
- Бо таври ором, бо овози бурро ва боваринок сухан ронадва вазъиятро таҳти назорат қарор диҳад.

Зӯровар метавонад дар чараёни сӯҳбат тавассути забон ва дигар амалҳои ноаён ҷабрдидаро таҳти назорати худ қарор диҳад ва ба ин васила ба рафтори ҷабрдида ва мутобиқан ба худи он маълумоте, ки ӯ медиҳад таъсир расонад. Бояд дар хотир дошт, ки дар аксар

ҳолатҳо ҷабрдидагон дар ҳузури зӯровар аз сӯҳбат кардан бо кормандони милитсия аз хавфи ҷазодиҳии баъдӣ, метарсанд.

Ҳангоми сӯҳбат бо ҷабрдида ором намудани ӯ муҳим мебошад ва барои ин зарур мебошад, ки:

- сӯҳбатро дар танҳоӣ гузаронад;
- ба ҷабрдида дарки онро диҳад, ки шумо тайёред ва мехоҳед, ки ӯро шунавед;
- усулҳои ором ва беғаразонаи рафторро нигоҳ дорад;
- нигоҳи худро аз ҷабрдида нагурезонад;
- ба ҷабрдида фаҳмонад, ки ӯ таҷрибаи ҳалли чунин масъалаҳоро дорад;
- бо сабабҳои набудани вақт ва ё дигар вазъиятҳо нақли ӯро набурад;
- далели ҷой доштани зӯровариро ба баҳс накашад (ҳатто агар ба шумо чунин намояд, ки зан масъаларо аз ҳад зиёд муболиға ва ё гуфтори ӯ боиси нобоварии шумо мегардад);
- чунин саволҳоеро гузорад, ки ба онҳо кас тавонад ҷавобҳои кушоду васеъ диҳад;
- саволҳое диҳад,ки дар худ муҳокимарониҳои танқидӣ ва ё субъективӣ надошта бошанд;
- дастгирӣ ва розигии худро нишон надиҳад, ҳатто агар ҷабрдида чунин изҳор намояд, ки гӯё дар ҳодисаҳои рӯйдода айби худаш бошад ва баръакс,дар ҳолати зарурӣ бояд таъкид намояд, ки дар ин кор гуноҳи ӯ нест ва дар он ҳодисае, ки рӯх додаст, ӯ гунаҳкор ҳисоб намешавад; амалия нишон медиҳад, ки барои ба даст овардани муносибати бештар боваринок бо милитсионер, ӯ бояд таъкид намояд, ки ба ҳеҷ кас набояд чунин рафтору муомила намуд ва он ки бо даъват намудани намояндагони ШВКД ҷабрдида аллакай қадами нахустинро дар самти тағйир додан ва беҳтар намудани вазъият бардоштааст;
- ҷиддӣ будани ҳодисаи рӯхдодаро ба инобат гирифтан ва ба субъектҳои зӯроварӣ фаҳмонидан, ки ЗО – ин ҳуқуқвайронкунии ҷиддӣ мебошад;
- ба қурбонӣ фаҳмонидани нигаронии худ оид ба бехатарии ӯ;
- ба зан фаҳмонидани он, ки зӯроварӣ аз ҷониби мард, бо вуҷуди боваркунониҳои хилофгар ва ваъдаҳои ӯ дар бораи ислоҳшавӣ такрор хоҳад шуд;
- кӯшиши ба оштӣ овардани ҷабрдида бо зӯровар лозим нест;
- додани ягон ваъдае, ки иҷрои он таъмин намешавад лозим нест (масалан, ҳар рӯз ба хонаи ҷабрдида омадан барои боварӣ ҳосил намудан аз бехатарии ӯ);

- дар хусуси паноҳгоҳҳо,ташкилотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар он ҷойҳо ҷабрдидагон метавонанд ёрии ҳуқуқӣ ва равонӣ гиранд, иттилоъ додан;
- ишора накардан ба оқибатҳои манфии тафтишу баррасиҳо нисбати аъзои оила (масалан, ба ҳангоми дастгир намудани зӯровар дигар касе наметавонад ба хона даромад биёрад ва ғайра), ки хоҳиши ҷабрдидаро барои ҳамкорӣ бо милитсия аз байн мебарад.

Риоя накардани меъёрҳои зикргардида метавонад ба таври ҷиддӣ имконияти ҳалли масъалаи ЗО-ро паст намояд. Агар корманди милитсия ба хулосае ояд, ки узви оила таҳти зӯроварӣ қарор гирифтааст, ӯ бояд тамоми воситаҳои заруриро барои пешгирии минбаъдаи зӯроварӣ ба кор барад,ба ҷабрдида ҳуқуқҳои ӯро фаҳмонад ва ҳамчунон ба ӯ дар бораи суроғаи паноҳгоҳҳо ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои қурбониёни ЗО маълумот пешниҳод намояд.

Ҳангоми сӯҳбат бо шахсе, ки ЗО содир намудааст, корманди милитсия бояд:

- Ором сухан ронад ва аз худ устуворию матонат нишон диҳад;
- Ба зӯровар бо ҳисси эҳтиром муносибат намояд;
- Ба зӯровар фаҳмонад, ки корманди милитсия намояндаи қонун мебошанд.

Баромадан ба ҷои ҳодиса дар мавридҳои ЗО ҳамешаякҷо бо хатарҳои эҳтимолӣ барои кормандони милитсия мебошад. Барои ҳамин ҳам, барои роҳ надодан ба оқибатҳои ғайричашмдошт ба ҳангоми иҷрои вазифаҳои хидматӣ кормандони милитсия бояд омилҳои зеринро ба инобат гиранд:

- Ба ҷои содиршавии ЗО тибқи талабот ҳамроҳи шарики ҳамкори худ бароянд;
- Эҳтимоли қавии мавҷуд будан ва истифодаи ашёҳоро ба сифати силоҳ аз ҷониби зӯроварон ба назар гирад;
- Зӯровар метавонад дар вазъи хашму ғазаби ғайри қобили худидоракунӣ қарор дошта бошад; назорати чандинсолаи мудовими зӯровар аз болои ҷабрдида аксаран дар ӯ эҳсоси осонгирӣ ва раво будани ҳама ҷизро рушд медиҳад;
- Истеъмоли машруботи спиртдор ва моводи мухаддир боиси афзоиш ёфтани дараҷаи агрессия ва баъдтар гаштани низоъҳои оилавӣ мегардад;
- Дар назар гирифтани он,ки дар ҷои ҷиноят метавонанд бештар аз як зӯровар мавҷуд бошад;

- Дар назар гирифтани он,ки ба ҳангоми сӯҳбат бо зӯровар метаvонанд ашёҳое вуҷуд дошта бошанд,ки метавон онҳоро ҳамчун силоҳ ба кор буд;
- Ба назар гирифтани таҳдиди мавҷуд будани силоҳи оташфишон ва ё сард;
- Дараҷаи агрессияи ҳуқуқвайронкунанда метавонад бо омадани кормандони милитсия афзоиш ёбад.

Илова бар пешгирии амали зӯроварӣ, иҷрои корҳои пешгирӣ-профилактикӣ бо ҳуқуқвайронкунанда ва дигар амалҳое, ки аз ҷониби корманди милитсия тибқи вазифаҳои хидматӣ ва вобаста ба вазъиятҳои мушаххас иҷро мегарданд,онҳо метавонанд ба ҷабрдидагони ЗО дигар намуд кумакҳоро низ расонанд. Ба ҷабрдидагон фаҳмонида мешавад, ки кадоме аз ҳуқуқҳои онҳо поймол карда шудаанд ва чӣ тавр метавон онҳоро ҳимоя намуд. Ҳамчунон метавонад тавсия дод, ки ҷабрдида ба кадом муассисаи давлатӣ ва ё ташкилот, инчунин иттиҳодияи ҷамъиятӣ муроҷиат намояд ва ҳар яке аз он ташкилотҳои тавсияшуда чӣ кумакеро расонида метавонанд. Ҳамчунон зарур аст, ки ба онҳо дар хусуси хатарнок будани қатъсозии ҳамкории онҳо бо милитсия ва хавф доштани он барои бехатарии онҳо маълумот дода шавад.

**Ҷанбаҳои бехатарӣ ба ҳангоми баррасии мавридҳои ЗО:**

- Баъди расидан ба маҳалли ҷиноят, корманди милитсия бояд шахси зӯроварӣ содир намударо таҳти назорат гирад: ӯро бояд аз ҷабрдида ҷудо нигоҳ дошт ва сӯҳбат намудани онҳоро бояд пешгирӣ намуд. Дар ҳолатҳои беҳтарин, ду корманди милитсия бояд ҷудо аз ҳам ва ҳамзамон бо ҷабрдида ва зӯровар кор баранд ва дар чунин маврид зарур мебошад, ки кормандон дар дидани якдигар қарор дошта бошанд;
- Корманди милитсия бояд чораҳои зарурироо барои таъмини бехатарии ҷабрдида ва ҳамчунон фарзандони онҳо андешанд;
- Корманди милитсия бояд тамоми далелҳоро ҷамъ намуда, ва дар ҳолатҳои зарурӣ бояд шахсеро, ки ЗО содир намудааст, дастгир намоянд;
- Бо максади ошкор намудани исботи мавридҳои қаблии ЗО, ба корманди милитсия зарур мебошад, ки бо ҷабрдида, гумонбар ва кӯдакон (дар ҳузури психолог, педагог), дигар аъзои оила, ва ҳамчунон тибқи имконият, бо ҳамсояҳое, ки метавонанд барои исботи зуроварӣ шаҳодат диҳанд, саволу ҷавоб гузаронанд ва бар он асос маводи таҳқиқотро тартиб диҳанд;

- Гуруҳи оперативӣ-тафтишотӣ, новобаста ба ҳузур доштан ва ё надоштани гунаҳкоршаванда, бояд маводи таҳқиқро дар бораи мавриди ЗО тартиб дода, онҳоро ба роҳбарияти ШВКД барои баррасӣ пешниҳод намоянд.

### Иҷрои таҳқиқоти пешакӣ

Таҳқиқоти пешакӣ аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

- Азназаргузаронии маҳалли ҳодиса;
- Пурсидани ҳар як шахс дар алоҳидагӣ – ҷабрдида, гумонбар, шоҳидон;
- Аниқ намудани шахсият ва синну соли кӯдакон, аз ҷумла онҳое, ки дар ҷои ҳодиса ҳузур доштанд ва ҷамъ овардани маълумот дар бораи макони вуҷуди онҳо баъди ҳодиса;
- Ҷамъоварии маълумот оид ба далелҳои зарбу лат (аз ҷумла маълумот дар бораи он ки оё ҷабрдида таҳти зӯроварии шаҳвонӣ қарор дошт ё не), дар бораи мавҷуд будани ҳисси дар два тавсия ба ҷабрдида барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ ва гирифтани шаҳодат дар бораи ҷой доштани зарбу лат;
- Дар протокол дарҷ намудани вазъият ва рафтору кирдори ҷабрдида (сару либоси дарида, ҷой доштани зарбу лат ва ғайра).

**Ҷанбаҳои пур кардани протокол оид ба мавридҳои содиршавии ҷиноят ва кӯмак ба ҷабрдида:**

- Ҳангоми тартиб додани ин санади мурофиавӣ бояд беғаразӣ ва бетарафӣ риоя гардад, яъне набояд ақидаи шахсӣ нисбати ҷабрдида дарҷ карда шавад;
- Бояд боварӣ ҳосил намуд, ки тамоми маълумот оид ба ҳодиса ба протоколи пурсиш ворид карда шудааст ( шоҳидон, одамони бетарафва беғараз);
- Муайян намудани тамоми далелҳо оид ба мурожиатҳои қаблии ҷабрдида ба дигар ташкилотҳо (ҳуқуқӣ, тиббӣ, марказҳои бухронӣ ва ғайра);
- Зарурати ба тафсил навишта гирифтани далелҳои зӯроварӣ нисбати ҷабрдида;
- Зарурати сабт намудани аризаҳои тавзеҳотии ҷабрдида, гумонбар ва шоҳидон, аз ҷумла кӯдакон нисбати далелҳои зӯроварӣ;
- Ҳангоми сабти ҳодисаҳои марбут ба ЗО, дар протокол бояд ба таври возеҳ нишон дода шавад, ки ин ҳуқуқвайронкунӣ ба ЗО тааллуқ дорад;

- Кормандони милитсия бояд ба ҷабрдида варақаи иттилоотӣ пешниҳод намоянд, ки дар онҳо рақами телефонҳо ва суроғаи марказҳои гуногуни бухронӣ, хадамоти тиббӣ, кӯмакҳои иҷтимоӣ, марказҳои шуғли аҳолӣ, машваратҳои ҳуқуқӣ ва ғайра нишон дода шудаанд;
- Баъди тартиб додани протокол, кормандони милитсия бояд боварӣ ҳосил намоянд, ки он дуруст тартиб дода шудааст ё не. Баъди ба итмом расидани таҳқиқ ва тартиб додани санадҳои аввалия, тамоми маводҳои ҷамъоваришуда барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, бояд ба мақомоти салоҳиятдор супорида шаванд (парвандаи айбдоркунии хусусӣ, м.24 КМҶ);
- Ҳангоми зарурат ва дар мавриди мавҷуд будани омодагиҳои зарурӣ корманди милитсия бояд барои расидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба ҷабрдида омода буда, ӯро ба муассисаи тиббӣ фиристад;
- Кормандони милитсия бояд бо дархостҳои ҷабрдида ба таври мусбат муносибат намоянд ва бехатарии онҳоро таъмин намоянд, масалан гирифтан ва ба ҷои бехатар интиқол додани чизу чизу чораи онҳо;
- Кормандони милитсия бояд зарурати ба даст овардани боварии аҳолӣ ва хоҳиши ҳамкорӣ намудани онҳоро бо милитсия талош варзад.

## 3.2. Гузаронидани сӯҳбатҳои инфиродӣ бо шахсоне, ки зӯроварӣ дар оила содир кардаанд. Тасвир намудани таҷрибаи муваффақи ҳамкории нозирони минтақавии милитсия бо мутахассисони *Ҳуҷраи кор бо ислоҳи рафтори зӯроварони оилавӣ* дар назди Ҳукумати шаҳри Леваканди вилояти Хатлон

Ҳамчун тавсия оид ба гузаронидани сӯҳбати инфиродӣ бо шахсе содиркардаи зӯроварӣ дар оила таҷрибаи Ҳуҷраи машваратии шаҳри Левакандро овардан мумкин аст.

Соли 2018 дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон бо дастгирии Лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ»-и Дафтари Шветсария дар Тоҷикистон ва ташаббуси бевоситаи Раиси шаҳр Самизода Санавбар «Ҳуҷраи машваратӣ» барои зӯроварҳои оилавӣ таъсис дода шуд, ки дар он ба онҳо мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, тиб, дин, психология ва корманди иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ ёрии ҳамаҷониба мерасонанд.

Воқеан, зӯровар баъд аз бақайдгирӣ дар Шӯъбаи корҳои дохилии шаҳр ва баровардани амрномаи муҳофизатӣ ба ин ҳуҷра фиристода мешавад, то ки ӯ дар Барномаи ислоҳкунӣ бо мақсади тағйир додани рафтораш иштирок кунад. Зӯровар бояд дар доираи 10 марҳилаи машварати инфиродӣ ва 20 марҳилаи машварати гурӯҳӣ (дар маҷмӯъ – 30 марҳила), ки 20 ҳафтаро дар бар мегирад, аз омӯзиши психологӣ гузарад.

Барномаи ислоҳкунӣ рафтори зӯровар чунин ҳадафҳоро дар назди худ гузошта аст: тағйир додани фаҳмиши мафҳуми «зӯроварӣ» ҳамчун падидаи номатлуби иҷтимоӣ дар зӯроварҳо; ҳамаҷониба таҳлил намудани намудҳои зӯроварӣ ва нишон додани оқибатҳои харобиовари ҷисмонӣ, психологӣ, иқтисодӣ ва шаҳвонии онҳо ба аъзоёни оила; бояд ба он ноил шуд, ки зӯровар номақбул будани истифодаи зӯровариро дар оила дарк карда, дар баробари ин масъулияту ҷавобгариро барои содир кардани рафтори зӯроваронааш ҳис кунад; тағйир додани рафтори зӯровар аз шакли таҳқиркунанда ба алтернативӣ – эҳтиромона ва бехатар.

Барои расидан ба ҳадафҳои дар боло зикршуда аз чунин таҷриба ва дастовардҳои илмӣ-амалии равоншинос ва сотсиологҳои давлатҳои пешрафта бо баэътиборгирии фарҳангу тамаддуни миллиамон истифода шуданд: «Синдроми Стокголмӣ» (Грэхем, Ролингс), «Консепсияи муътадилгардонии зӯроварӣ» (Е. Лундгрен), «Даврахои қудратнишондиҳӣ ва назорат» (Барномаи пешгирии зӯроварӣ дар Миннесотаи ИМА), «12 қадам барои назорати қаҳру ғазаб» (Р. Уилямс), модели «Динамикаи зӯроварӣ» (Ландербургер), «Кор бо мардони зӯровар» (модели Дулутӣ) ва «Лоиҳаи Белорусӣ доир ба кор бо зӯроварҳо» (Р. Крючков).

Натиҷаҳои кори «Ҳуҷраи машваратӣ» дар давоми фаъолияташ нишон доданд, ки зӯроварҳо рафтори зиддиқонунӣ ва қасдона будани амалҳои зӯроваронаашонро дарк намуда, инчунин бо донишу малакаҳои амалие мусаллаҳ шуда истодаанднд, ки ба василаи онҳо метавонанд вазъиятҳои шиддатгирандаи ҳаёти оилавиро мустақилона пешгирӣ кунанд ва ё бартараф созанд.

## 3.3. Тафсир ба моддаи 93[1] Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

Моддаи 93[1] – «Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» чу-

нин муқаррар мекунад: «**Барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, яъне содир намудани кирдори қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодӣ ё таҳдиди содир намудани онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, агар ин кирдор боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила гардад, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят,–**

**ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад».**

## 1. Объекти ҳуқуқвайронкунӣ

**Объекти** ҳуқуқвайронкунии маъмурии мазкурро, такя ба номи боби 6 КҲМ ҶТ – «*Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд*», **ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд** ташкил мекунанд. Аммо объекти мазкур объекти умумӣ барои тамоми ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар боби дар боло нишондодашудаи КҲМ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб меравад.

**Объекти** бевоситаи ҳуқуқвайронкунии баррасишаванда бошад **талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои ҷамъиятии бо пешгирии зӯроварӣ дар оила** алоқамандбударо ташкил мекунанд.

Тибқи **моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»** зӯроварӣ дар оила танҳо дар доираи муносибатҳои оилавӣ содир шуда метавонанд.

Аз ин рӯ, **объекти иловагии** ҳуқуқвайронкунии мазкурро – **муносибатҳои оилавие, ки бо амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила алоқаманд ҳастанд**, ташкил мекунанд.

Якум, тибқи моддаи 2 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон предмети қонунгузории оиларо гурӯҳи муносибатҳои оилавии зайл ташкил мекунанд:

- муносибатҳои оилавӣ оид ба шартҳо ва тартиби бастани ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ ва беътибор донистани ақди никоҳ,
- муносибатҳои ғайримолумулкӣ ва молумулкие, ки байни ҳамсарон, падару модар ва фарзандон, байни дигар узви оила пайдо мешаванд,
- муносибатҳое, ки дар асоси фарзандхонӣ, васоят ва парасторӣ, ба тарбия гирифтан, тартиби бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ пайдо мешаванд ва дигар муносибатҳои оилавӣ.

Дуюм, тибқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта, дар ақди никоҳ мебошанд ва аъзои оилаи онҳо, ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки бо пешбурди хоҷагии умумӣ якҷоя зиндагӣ мекунанд, татбиқ мегардад.

Ҳамин тариқ, муқаррароти мазкури Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» имконият медиҳад, ки доираи муносибатҳои оилавие, ки бо Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, васеъ карда шавад. Аз ин рӯ, истифодаи мафҳуми маҳдуди муносибатҳои оилавӣ дар асосӣ Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нодуруст буда, мафҳуми муносибатҳои оилавӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила то андозае васеъ мегардад.

Чи тавре аз мазмуни моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дида мешавад, доираи мафҳуми муносибатҳои оилавӣ метавонад фаро гирад:

- муносибатҳои оилавие, ки дар натиҷаи бастан ва ба қайди давлатӣ гирифтани ақди никоҳ дар мақомоти САҲШ, пайдо шудаанд;
- муносибатҳои оилавие, ки дар натиҷаи бастани ақди никоҳ бо расму оини динӣ пайдо шудаанд;
- муносибатҳои оилавие, ки дар натиҷаи ҳамзистӣ ва бурдани хоҷагии якҷоя пайдо шудаанд;
- муносибатҳои оилавие, ки дар натиҷаи хешутаборӣ пайдо шудаанд, мисол, байни бародару хоҳарон, келину (домоду) хушдоман ва хусур ва ғайра;
- муносибатҳои оилавие, ки дар натиҷаи бастани ақди никоҳ бо иштироки унсури хориҷӣ ё байни шаҳрвандони хориҷӣ пайдо шудаанд.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи мушаххаси ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ амалӣ шуда метавонанд, пешбинӣ менамояд, масалан:

- «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» (моддаи 5 Конститутсияи ҶТ);

- «Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медихад» (моддаи12 Конститутсияи ҶТ);
- «Ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад» (моддаи 18 Конститутсияи ҶТ);
- «Шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад» (моддаи 24 Конститутсияи ҶТ);
- «Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладори ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд» (моддаи 33 Конститутсияи ҶТ);
- «Шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад» (моддаи 37 Конститутсияи ҶТ);
- «Падару модар барои тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъмини падару модар масъуланд» (моддаи 34 Конститутсияи ҶТ);
- «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад» (моддаи 35 Конститутсияи ҶТ);
- «Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад» (моддаи 38 Конститутсияи ҶТ);
- «Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад» (моддаи 41 Конститутсияи ҶТ);
- «Зану шавҳар ҳар кадомашон дар интихоби шуғл, касб, намуди фаъолият, иқоматгоҳ ва маҳали будубош озод аст» (моддаи 32 Кодекси оилаи ҶТ);
- «Зану шавҳар ҳангоми ақди никоҳ дар интихоби фамилия баробарҳуқуқ мебошанд» (моддаи 33 Кодекси оилаи ҶТ) ва ғайра.

Чи тавре дида мешавад, муносибатҳои оилавие, ки бо амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои дар боло нишондодашуда алоқамананданд, объекти ҳуқуқвайронкунии маъмурии моддаи тафсиршавандаро ташкил мекунанд. Зиёда аз ин, онҳо на танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, инчунин бо меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ танзим мешаванд. Аммо дар радифи масъалаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ҳуқуқу озодиҳои номбаршуда бо меъёрҳои КҲМ ҶТ ҳифз мешаванд, аз ин рӯ, ҳангоми поймол шудани онҳо дар доираи муносибатҳои оилавӣ, ҳуқуқвайронкунии содиршуда бояд тибқи моддаи тафсиршаванда бандубаст шавад.

## 2. Тарафи объективии ҳуқуқвайронкунӣ

Тарафи объективии ҳуқуқвайронкунӣ аз содир кардани кирдори зиддиҳуқуқии хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодидошта ё таҳдиди содир кардани он ҳангоми ҷой надоштани аломатҳои таркиби ҷиноят иборат аст.

Кирдори зиддиҳуқуқии мазкур, яъне риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳам дар намуди ҳаракат (шакли фаъол) ва ҳам дар намуди беҳаракатӣ (шакли ғайрифаъол) содир шуда метавонад. Дар ҳолати дуюм ҷавобгарии маъмурӣ дар сурате ба вуҷуд омада метавонад, ки шахс бояд бо таври дахлдор амалҳои муайянро анҷом медод (тибқи муқаррароти қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), аммо амалҳои мазкурро анҷом намедиҳад, гарчанде ки метавонист онҳоро анҷом диҳад. Мисол, тибқи қ.3 моддаи 32 Кодекси оилаи ҶТ зану шавҳар вазифадоранд, ки муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтирому кӯмаки якдигарӣ ба роҳ монанд, барои таҳкими оила мусоидат намоянд, ба некӯаҳволӣ ва рушду камоли фарзандонашон ғамхорӣ кунанд. Ҳангоми аз ҷониби яке аз аъзоёни оила саркашӣ намудан аз иҷрои ӯҳдадории мазкур, ҳуқуқвайронкунии мазкурро бояд беҳаракатии зидди қонун эътироф намуд.

**Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»** таҳти зӯроварӣ дар оила фаҳмида мешавад кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

Аз мафҳуми мазкур маълум мегардад, ки ҷавобгарӣ барои содир кардани зӯроварӣ дар оила метавонад бо қонунгузории маъмурӣ ва ҷиноятӣ, инчунин гражданӣ пешбинӣ шавад.

Дарки таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои таъмини қонуният ҳангоми ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахс, барои фарқ намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз навъҳои дигари ҳуқуқвайронкуниҳои монанд, хусусан, ҷиноятҳои ба онҳо монанд, аҳамияти калон дорад.[9]

[9] *Россинский Б.В., Старилов Ю.Н.* Ҳуқуқи маъмурӣ: Китоби дарсӣ.– Нашри 4, аз нав дида баромада шуд ва илова шуд.– М.: Норма: Инфра-М, 2010.– 928 с.

Тахти зўроварӣ – таъсири ҷисмонӣ ба ҷабрдида ё наздикони ў бо роҳи зарбазанӣ, лату кўб, азобу уқубат, расонидани дарди ҷисмонӣ, расонинидани зарари вазнин, миёна ё сабук ба саломатӣ, дуздии ошкорои ҷабрдида, бо роҳҳои гуногуни маҷбурӣ маҳв кардани иродаи ў ва ғайра фаҳмида мешавад.[10]

Дар радифи моддаи тафсиршаванда «таҳдид дар таъсири рўҳӣ ба ҷабрдида ё наздикони ў бо роҳи изҳор кардани хоҳиши расонидани зўроварии ҷисмонӣ, ҳатто куштори ҷабрдида ё хешовандони ў, расонидани дилхоҳ зарар, нест кардани молу мулк ва ғайра зоҳир мегардад.[11]

Дар мисоли зўроварии иқтисодӣ таҳдиди нобуд кардани молу мулк бояд барои ҷабрдида аҳамияти калон дошта бошад (мисол, таҳдиди оташ задани хона, нобуд кардани мошин ва мисоли инҳо).

Бо роҳи иръоб (шантаж) ба худ тобеъ кардани иродаи ҷабрдида низ зўроварӣ дар оила ба ҳисоб меравад.

Иръоб (шантаж), чи тавре, ки аз мазмуни **зўроварии рўҳӣ дар оила** бармеояд, ки зери он таъсиррасонии қасдонаи рўҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рўҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад (моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зўроварӣ дар оила»), яке аз роҳҳои содир кардани зўроварӣ дар оила ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки таҳқир ҳамчун ҷиноят тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.07.3012 сол аз матни Кодекси ҷиноятии ҶТ хориҷ гардидааст, яъне аз рўи дараҷаи хавфнокӣ ба ҷамъият таҳқир декриминилатсия шудааст. Аз ин рў, дилхоҳ таҳқир дар доираи муносибатҳои оилавиро бояд ҳамчун риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зўроварӣ дар оила (моддаи $93^1$ КҲМ ҶТ) бандубаст карда шавад.

Ҳамзамон, тибқи қонунгузории гражданӣ, яъне тибқи моддаи 171 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷабрдида аз зўроварӣ дар оила ҳуқуқ дорад товони зарари маънавиро, ки дар

---

[10] *Солиев Карим.* Тафсир ба ҷиноятҳое, ки бо савдои одамон алоқаманд мебошад.– Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011.– 112 с.
[11] Ҳамон ҷо.

натиҷаи содир шудани зӯроварӣ дар оила ба вуҷуд омадааст, талаб намояд.

Дар радифи моддаи тафсиршаванда «зӯроварӣ ва таҳдиди содир кардани он метавонанд ҳам нисбати ҷабрдида ва ҳам нисбати хешовандони наздики ӯ, дигар шахсони ба ӯ гиромӣ, ки барои онҳо ҷонашро дареғ дошта наметавонад, равона шаванд».[12]

Дар радифи моддаи тафсиршаванда ба мафҳуми «дигар шахсон» дигар аъзоёни оила фаҳмидан лозим аст.

Дар таҷриба, ҳангоми содир шудани зӯроварӣ дар оила дар ҷои ҷамъиятӣ баъзан бо моддаи 460 (Майдаавбошӣ) ё моддаи 462 (Вайрон кардани оромӣ) КҲМ ҶТ бандубаст мешавад, ки чунин кор ба сиёсати давлат дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, хусусан, эътино кардан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила зид меистад. Дар натиҷаи чунин тарзи фаъолият ҳолати зӯроварӣ дар оила беэътино ва пешгирии дахлдор мемонад.

Зӯроварӣ дар оила метавонад берун аз хонаи истиқоматӣ низ содир шавад.[13] Зиёда аз ин, зӯроварӣ дар оила метавонад дар масофаҳои муайян содир шавад, мисол, узви оила ба тариқи телефонӣ дар макони дигар истиқомат намуда, метавонад нисбати узви дигари оила зӯроварии рӯҳӣ, яъне таъсиррасонии қасдонаи рӯҳӣ, паст задани шаъну эътибори як узви оила аз ҷониби дигар узви оила бо роҳи таҳдид, таҳқир, иръоб ва ё маҷбуркунӣ ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ё кирдорҳое, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфноканд, инчунин ба вайроншавии инкишофи рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё шахсият оварда мерасонад, содир намояд.

Аз ин рӯ, агар содир шудани зӯроварӣ дар оила берун аз макони зист (ҷои истиқомат), яъне дар ҷои ҷамъиятӣ, ҳангоми ҷой доштани аломатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии дигар, парвандаи

---

[12] *Солиев Карим.* Тафсир ба ҷиноятҳое, ки бо савдои одамон алоқаманд мебошад.– Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011.– 112 с.

[13] *Казаков В., Алимов К., Давлатов М.* Пешгирии зӯроварӣ дар оила / китоби дарсӣ ва иттилоотӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва марказҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016.– 139 с.

маъмурӣ аз рӯи маҷмӯи ҳуқуқвайронкуниҳо оғоз мегардад, яъне ҳам аз рӯи моддаи 93[1] (Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила) ва ҳам моддаи 460 (Майдаавбошӣ) ё моддаи 462 (Вайрон кардани оромӣ).

Чунин тарзи фаъолият имконият медиҳад, ки вазифаҳои дар пешистодаи пешгирии зӯроварӣ дар оиларо босамар ҳал намоем.

## 3. **Субъекти ҳуқуқвайронкунӣ**

Субъекти ҳуқуқвайронкунии баррасишаванда метавонад дилхоҳ шахси воқеӣ, мукаллаф, ба синни 16-солагӣ расида ҳисоб шавад.

Инчунин, тибқи қ.3 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҳам амрномаи муҳофизатӣ ҳамчун чораи фардии пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила ба шахси мукаллафи зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда, ки ҳангоми баровардани он ба синни 16-солагӣ расидааст, дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки аз рӯи қоидаи умумии қабулгардида, шахсе, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар ҳолати номукаллафӣ қарор дошт, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад.

Шарти муҳим барои субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурии мазкур он аст, ки субъект бояд яке аз узви оила (субъекти махсус) ба ҳисоб равад.

Тибқи банди 3 Дастурамали дар боло нишондодашуда, оила - шахсоне, ки байни якдигар никоҳ доранд, дар муносибати хешутаборӣ ҳастанд, байни якдигар бо ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ алоқаманданд, ҳамчунин доимӣ ё муваққатан якҷоя зиндагонӣ мекунанд, эътироф карда мешавад.

Дар ҳамон ҷо мафҳуми монади узви оила низ оварда мешавад. Мувофиқан, узви оила шуда метавонанд:

- ҳамсарон (шавҳар ва зан);
- падару модар ва кӯдакон;
- бародару хоҳарони айнӣ ва ӯгай;
- бобо ва бибӣ (ҳам аз тарафи падарӣ ва ҳам аз тарафи модарӣ), набераҳо, абераҳо;
- холаҳо, аммаҳо, амакҳо, тағоҳо;
- писару духтари амак, тағо, хола, амма;
- фарзандхондагон ва фарзандхондшудагон;
- васӣ (парастор)-и кӯдак;

- падарандар, модарандар, духтарандар, писарандар;
- модар (падар)-и шавҳар (зан), келин, домод, бародаршӯй, бородарарӯс, хоҳарарӯс, хоҳаршӯй;
- ҳамшарикон дар ақди никоҳи хориҷӣ;
- собиқ ҳамсар, ки тибқи қонунгузории манзилӣ ва дар асоси ҳалномаи судӣ узви оила эътироф шуда ба манзили истиқоматии соҳибмулк маскун карда мешавад.

## 4. **Тарафи субъективии ҳуқуқвайронкунӣ**

Тарафи субъективии ҳуқуқвайронкунии маъмурии мазкурро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил мекунад.

Чи тавре, ки аз мазмуни моддаи тафсиршаванда маълум шуда истодааст, шакли гуноҳ мушаххас мебошад, яъне ҷавобгарии маъмурӣ тибқи моддаи баррасишаванда танҳо дар сурати мавҷуд будани қасд ба миён меояд. Мутаносибан, ба миён омадани ҷавобгарии маъмурӣ аз рӯи моддаи тафсиршаванда ҳангоми мавҷуд будани беэҳтиётӣ ғайриимкон мебошад.

Одатан дар таркиби баъзе ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ аломатҳои иловагии тарафи субъективӣ мавҷуд аст: мақсад ё ангеза. Мисол, моддаи 91 КҲМ ҶТ барои ғаразнок истифода намудани васоят ё парасторӣ, бар зарари шахси таҳти васоят ва парасторӣ қарордошта ё бе назорат ва ё бе кӯмаки моддӣ гузоштани ӯ ҳангоми набудани аломати ҷиноят ҷавобгарӣ муқаррар мекунад.

Моддаи тафсиршаванда бошад аломатҳои иловагии тарафи субъективиро пешбинӣ намекунад. Аммо, моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» зӯроварии иқтисодӣ дар оиларо бо тартиби зайл муайян мекунад: «кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила **бо мақсади** маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад».

Дар адабиёти махсус мушоҳида мешавад, ки зӯроварӣ дар оила одатан бо мақсад ё ангезаи муайян содир мешавад.

Ҳамин тавр, **ангезаи** зӯроварӣ дар оиларо хоҳиши ҳуқуқвайронкунанда дар қонеъ намудани талаботи фардии худсобитнамоӣ, тавассути ҷорӣ намудани ҳукмронӣ дар муносибатҳои оилавӣ, бартарият аз болои ҷабрдидагон ва назорати доимӣ ташкил мекунад.

**Мақсади** зӯроварӣ дар оила бошад аз бечунучаро тобеъ намудани ирода ва орзӯи ҷабрдида аз ҷониби зӯровар иборат мебошад.[14]

Протоколҳо аз рӯи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии бо моддаи тафсиршаванда аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти корҳои дохилӣ (милитсия) тартиб дода мешаванд.

Ҳамзамон, оғоз намудани парвандаи маъмурӣ, ки бо моддаи тафсиршаванда пешбинӣ шудааст, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ва прокуратураи дахлдори шаҳру ноҳияҳо амалӣ гардида метавонад.[15]

Парвандаҳои мазкур тибқи қ.1 моддаи 93 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 аз ҷониби суд баррасӣ мешаванд.

Ҳангоми аз ҷониби падару модарон ё намояндагони дигари ноболиғон содир кардани ҳуқуқвайронкуние, ки манфиати кӯдакро дар соҳаи тандурустӣ, инкишофи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдакон поймол мекунад, амалҳои шахсони гунаҳкорро бо моддаи 90 КҲМ ҶТ – Аз тарафи падару модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон иҷро накардани ӯҳдадориҳои парасторӣ ва тарбияи ноболиғон, бояд бандубаст шавад, дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноят бошад – тибқи моддаҳои 174 (Иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба тарбияи ноболиғон), 175 (Иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак), 176 (Сӯистифода аз ҳуқуқи васӣ ё парастор), 177 (Бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъмини фарзандон) Кодекси ҷиноятии ҶТ.

Хулосаи мазкур аз мазмуни моддаи 65 Кодекси оилаи ҶТ – Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои падару модар набояд бар хилофи манфиатҳои фарзандон татбиқ шаванд. Таъмини манфиатҳои фарзандон бояд мавзӯи асосии ғамхории падару модар бошад.

---

[14] *Казаков В., Алимов К., Давлатов М.* Пешгирии зӯроварӣ дар оила / китоби дарсӣ ва иттилоотӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва марказҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе: САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016.– 139 с.

[15] Мухтасар ниг.: Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зуроварӣ дар оила» / Зери таҳрири Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ҷ.М. Давлатов.– Душанбе: Академияи муколама, 2014.– 207 с.

Зиёда аз ин, моддаи 19 Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак эълон мекунад, ки давлат-аъзои бо мақсади ҳифзи кӯдак аз ҳама гуна шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, таҳқир ё сӯистифода, набудани ғамхорӣ ё муносибати беэҳтиётона, муносибати дағалона ё истисмор, ҳамчунин сӯистифодаи шаҳвонӣ аз ҷониби падару модар, намояндагони қонунӣ ва дигар шахсоне, ки бо нигоҳубини кӯдак машғул аст, бояд тамоми тадбирҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, иҷтимоӣ ва таълимиро андешад.

Ҳангоми амалисозии ҳуқуқи падариву модарӣ падару модар ҳуқуқ надоранд, ки ба саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдак, ба инкишофи ахлоқии ӯ зарар расонанд. Тарзҳои тарбияи кӯдак бояд муносибати хунукназарона, бераҳмона, дағалона, пастзанандаи шаъну шарафи инсонии кӯдак ё сӯистифода аз ҷониби падару модар, истисмори кӯдакро инкор намоянд.

Бо тарзи мазкур масъалаи ҷалби ноболиғон ба истеъмоли **маҳсулоти тамоку** машрубот ё моддаҳои мадҳушкунанда, аз ҷумла моводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳои онҳо аз ҷониби падару модарон ё дигар намояндагони қонунии ноболиғон бояд ҳал карда шавад. (қ.2 моддаи 129 КҲМ ҶТ).

## 3.4. Тафсир ба моддаи 93$^{2}$ Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ

Тибқи моддаи 93$^{2}$ – «Риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ» – б**арои риоя накардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз таъйин карда мешавад.**

### 1. Объекти ҳуқуқвайронкунӣ

Объекти ҳуқуқвайронкунии мазкурро, такя ба номи боби 6 КҲМ ҶТ – «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд», **ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд** ташкил мекунанд. Аммо объекти мазкур объекти умумӣ барои тамоми ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар боби дар боло нишондодашудаи КҲМ ҶТ пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб меравад.

**Объекти** бевоситаи ҳуқуқвайронкунии мазкур талаботҳои амрномаи муҳофизатӣ ба ҳисоб меравconfigured.

Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2013 **амрномаи муҳофизатӣ** ҳуҷҷате фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ё шахсе, ки таҳдиди содир намудани онро мекунад, дода мешавад.

Баровардани амрномаи муҳофизатӣ яке аз чораҳои пешгирикунанда ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама барои ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи муносибатҳои оилавӣ, барои пешгирии зӯроварӣ дар оила, барои муайян ва бартараф сохтани сабабҳо ва шароитҳои зӯроварӣ дар оила равона мешавад.

Тибқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» баровардани амрномаи муҳофизатӣ салоҳияти истисноии мақомоти корҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» амрномаи муҳофизатӣ яке аз чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила ба ҳисоб меравад.

Тибқи қисмҳои 4–5 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» амрномаи муҳофизатӣ ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда аз ҷониби сардор ё муовинони сардори мақомоти корҳои дохилии маҳалли содир шудани зӯроварӣ дар оила дар муддати 24 соат аз лаҳзаи содир шудани зӯроварӣ дар оила ё ҷой доштани таҳдиди содиршавии он ё аз лаҳзаи додани ариза дар бораи содир шудани зӯроварӣ дар оила дода мешавад.

Амрномаи муҳофизатӣ ба муҳлати то 15 рӯз дода мешавад. Дар асоси аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ мумкин аст мӯҳлати амрномаи муҳофизатӣ бо дархости сардори мақомоти корҳои дохилӣ ва розигии прокурор то 30 рӯз дароз карда шавад.

Дар қ.7 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» муқаррар мешавад, ки амрномаи муҳофизатӣ нисбати шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда метавонад талаботи зеринро пешбинӣ намояд:

- манъ кардани ҳама гуна зӯроварӣ нисбати ҷабрдида, бар хилофи хоҳиши ҷабрдида анҷом додани ҷустуҷӯӣ, пайгирӣ, ташриф, муошират ва дигар муносибатҳое, ки ҳуқуқу озодиҳои ҷабрдидаро маҳдуд месозанд;
- тавсия барои дар вақти муайян ба манзили истиқоматӣ ҳозир шудан;
- манъ кардани истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва моддаҳои мадҳушкунанда дар вақти амали амрномаи муҳофизатӣ.

Одатан дар таҷриба дар амрномаи муҳофизатӣ тамоми талаботҳои дар боло нишондодашуда пешбинӣ мешаванд.

Дар зери «ҳама гуна зӯроварӣ» нисбати ҷабрдида содир кардан ё таҳдиди содир кардани зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ фаҳмида мешавад.[16]

Аз мазмуни қонун маълум мегардад, ки вай дар амрномаи муҳофизатӣ пешбинӣ кардани талаботи дигарро низ имкон медиҳад, мисол, дар қонун истифода шудани калимаҳои «ҳама гуна зӯроварӣ» имконият медиҳад, ки онро шарҳи васеъ намоем.

Зери «ҳама гуна зӯроварӣ» тамоми кирдорҳои зиддиҳуқуқии поймолкунандаи ҳуқуқ ва озодиҳои ҷабрдида аз ҷониби шахсе, ки ба ӯ амрномаи муҳофизатӣ дода шудааст, фаҳмида мешавад.

Дар доираи «ҳама гуна зӯроварӣ» инчунин ба зӯровар манъ кардани муҳокимаи ҳолати зӯроварӣ дар оила бо хешовандони наздик, ҳамсояҳо, рафиқон, ҳамкорон ва дигар шахсоне, ки метавонад шиддатнокии рӯҳии ҳолатро зиёд намуда, вазъиятро вазнин карда, дар натиҷа ба такроран содир шудани зӯроварӣ дар оила биёрад.

Нишон додани талаботи мазкур дар амрномаи муҳофизатӣ муҳим мебошад, зеро ҳангоми мавҷуд будани таҳдиди содир кардани зӯроварӣ дар оила имконияти пешгирӣ кардани онро дорад.

Дар зери «амалӣ гардондани ҷустуҷӯ» ҳама гуна амалҳое фаҳмида мешаванд, ки ба ҷустуҷӯи ҷабрдида, новобаста аз ҷойгиршавии ӯ (дар хонаи падару модар, дар хонаи ҳамсояҳо, дар марказҳои бӯҳронӣ ва дигар ҷой), равона шудаанд.[17]

Дар зери «пайгирӣ» бо мақсади муайян ё бе мақсади муайян аз паси ҷабрдида поидан, санҷидани зангҳои телефонӣ ё ин ки бидуни хоҳиши ҷабрдида аз паси ӯ омадан ва ғайра фаҳмида мешавад.[18]

Дар зери «ташриф» бидуни хоҳиши ҷабрдида хабар гирифтани ӯ дар маконе, ки ҷабрдида ба он ҷой бо мақсади дур намудан аз шахсе, ки зӯроварӣ дар оила содир намудааст, фаҳмида мешавад.[19]

Дар зери «муошират» бидуни хоҳиши ҷабрдида бо ӯ сӯҳбат кардан фаҳмида мешавад.[20]

---

[16] Мухтасар ниг.: Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зуроварӣ дар оила» / Зери таҳрири Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ҷ.М. Давлатов.– Душанбе: Академияи муколама, 2014.– 207 с.

[17] Ҳамон ҷо.

[18] Ҳамон ҷо.

[19] Ҳамон ҷо.

Барои банду басти дурусти моддаи тафсиршаванда дарки «изҳори розигӣ ё хоҳиш» шарти асосӣ ба шумор меравад, зеро дар акси ҳол сухан дар бораи ҳаракатҳои бидуни хоҳиш меравад.

Тибқи қоидаҳои умумӣ хоҳиш зери таъсири фиреб, маҷбуркунӣ ва амсоли инҳо эътибор дошта наметавонад.

Изҳори хоҳиш эътибор дошта наметавонад, агар дар ҳолати мастӣ ё дигар тарзи мадҳушӣ сурат гирифтааст.

Ҳамзамон, изҳори хоҳиш набояд бо роҳи хомӯшӣ эътибор пайдо намояд.

Инчунин дар таҷрибаи ҷаҳонӣ изҳори хоҳиш бо роҳи афшондани китф эътибор надорад.

Дар зери «ҷабрдида» тамоми аъзоёни оила фаҳмида мешаванд, ки дар натиҷаи содир шудани зӯроварӣ дар оила ҳуқуқу озодиҳои онҳо поймол гардида, ба онҳо зарари ҷисмонӣ, маънавӣ ва моддӣ расонда шудааст.

Аз ин рӯ, амрномаи муҳофизатӣ ба тамоми шахсоне, ки дар содир кардани зӯроварӣ дар оила гунаҳкор дониста мешаванд, яъне шавҳар, зан, бародар, хоҳар, падару модар, фарзандон ва дигар узви оила, ки ба синни 16-солагӣ расидаанд, дода мешавад.

Объекти ҳуқуқвайронкунии маъмурии моддаи тафсиршавандаро инчунин муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки онҳо дар доираи таъмини риояи талаботҳои амрномаи муҳофизатӣ аз ҷониби шахсе, ки зӯроварӣ дар оила содир намудааст, ба вуҷуд омадаанд.

Муносибатҳои мазкурро ба **объекти иловагии** ҳуқуқвайронкунии баррасишаванда шомил кардан мумкин аст.

## 2. Тарафи объективии ҳуқуқвайронкунӣ

**Тарафи объективии** ҳуқуқвайронкунии мазкурро вайрон намудани шартҳои (талаботҳои) амрномаи муҳофизатӣ ташкил мекунад.

Кирдори зиддиҳуқуқии мазкур, яъне вайрон намудани шартҳои (талаботҳои) амрномаи муҳофизатӣ, метавонад танҳо дар намуди ҳаракат (шакли фаъол) содир шавад, мисол, манъи содир намудани ҳар гуна навъи зӯроварӣ дар оила нисбати ҷабрдида метавонад бо роҳи содир намудани зӯроварии нав дар оила вайрон карда шавад;

[20] Ҳамон ҷо.

манъи бар хилофи иродаи ҷабрдида ҷамъ кардани маълумот оиди ӯ метавонад бо роҳи ҷамъоварии маълумот оиди ҷабрдида вайрон гардад ва ғайра.

Шаклҳои зерини вайрон намудани талаботҳои амрномаи муҳофизатиро қайд кардан мумкин аст:

- содир намудани ҳолатҳои нави зӯроварӣ дар оила;
- бар хилофи хоҳиши ҷабрдида анҷом додани ҷустуҷуӣ, пайгирӣ, ташриф, муошират, ки ҳуқуқу озодиҳои ҷабрдидаро маҳдуд месозанд;
- дар вақти муайян ба манзили истиқоматӣ ҳозир нашудан;
- истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва моддаҳои мадҳушкунанда дар вақти амали амрномаи муҳофизатӣ;
- инчунин бар хилофи хоҳиши ҷабрдида анҷом додани дигар муносибатҳое, ки ҳуқуқу озодиҳои ҷабрдидаро маҳдуд месозанд.

Аммо, ҳангоми бо мақсади ислоҳ намудани рафтори агрессорӣ дар амрномаи муҳофизатӣ аз ҷониби шахсе, ки зӯроварӣ дар оила содир намудааст, гузаштани курси таълимӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила пешбинӣ шуда бошад, пас бе сабабҳо узрнок наомадан ва нагузаштани курсҳои мазкур бояд ҳамчун беҳаракатӣ банду баст карда шаванд ва чунин беҳаракатӣ тарафи объективии ҳуқуқвайронкунии бо моддаи $93^2$ КҲМ ҶТ пешбинишударо низ ташкил мекунад.

### 3. Субъекти ҳуқуқвайронкунӣ

**Субъекти** ҳуқуқвайронкунии баррасишаванда натанҳо шахси воқеие, ки яке аз аъзоёни оила ба шумор меравад, инчунин шахсе ҳисобида мешавад, ки нисбати ӯ барои содир намудани зӯроварӣ дар оила ё таҳдиди содир намудани он амрномаи муҳофизатӣ баровварда мешавад. Бо қавли дигар, субъекти ҳуқуқвайронкунии бо моддаи тафсиршаванда пешбинишуда **махсус** мебошад.

Инчунин, тибқи қ.3 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» амрномаи муҳофизатӣ ҳамчун чораи фардии пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила ба шахси мукаллафи зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда, ки ҳангоми баровардани он ба синни 16-солагӣ расидааст, дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки аз рӯи қоидаи умумии қабулгардида, шахсе, ки ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар ҳолати номукаллафӣ қарор дошт, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад.

Рӯйхати шахсоне, ки ҳамчун узви оила барои содир ё таҳдиди содир намудани зӯроварӣ дар оила нисбати онҳо амрномаи муҳофизатӣ бароварда мешавад ва ҳамчун субъекти ҳуқуқвайронкунӣ эътироф шуда метавонанд, дар тафсири моддаи 93[1] КҲМ ҶТ оварда мешаванд.

## 4. **Тарафи субъективӣ**

Дар моддаи тафсиршаванда бевосита шакли гуноҳи ҳуқуқвайронкунии маъмурии мазкур нишон дода нашудааст. Аммо аз мазмуни моддаи тафсиршаванда маълум шуда истодааст, ки вайрон намудани талаботҳои амрномаи муҳофизатӣ танҳо дар намуди кирдори гунаҳкоронаи қасдан содиршуда зоҳир мегардад. Шахс дарк мекунад, ки иҷро накардани талаботҳои амрномаи муҳофизатӣ ҳуқуқвайронкунӣ аст, иҷро накардани онҳоро мехоҳад ва ин талаботҳоро иҷро намекунад, ки дар натиҷа вайрон кардани талаботҳои амрномаи муҳофизатӣ ба миён меояд.

Хулосаи мазкур аз мазмуни қисми 2 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» низ бармеояд, ки дар он чунин оварда шудааст: «**Шахсе, ки амрномаи муҳофизатиро гирифтааст, ӯҳдадор аст талаботи дар он пешбинишударо иҷро намояд**.».

Мисли моддаи 93[1] КҲМ ҶТ, дар таркиби ҳуқуқвайронкунии бо моддаи тафсиршаванда пешбинишуда, аломатҳои иловагии (факултативии) тарафи субъективӣ, яъне мақсад ё ангезаи ҳуқуқвайронкунӣ нишон дода нашудааст.

